# ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## Бюллетени ахборотӣ-таҳлилии ҳар семоҳа

Лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумотнокии ҳуқуқӣ тавассути ВАО дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»

**Нашри № 2** [июл-сентябри соли 2009]




Иттиҳоди Аврупо

Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ

***Хонандагони гиромӣ!***

Ба диққати шумо нашри дуввуми бюллютени хабарию таҳлилиро, ки масоили мубрами соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар кишварҳои Осиёи Марказиро баррасӣ мекунад, пешкаш менамоем. Аз фурсат истифода бурда, мехостем, ба ҳамаи онҳое, ки нашри мазкурро фоидаовар ва ҷолиб меёбанд, миннатдорӣ намоем.

Буллютен дар доираи лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумотнокии ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Институти бритониёии ҷанг ва сулҳ (IWPR) таҳти дастгирии Комиссияи Аврупо амалӣ мегардад, нашр мегардад. Яке аз мақсадҳои асосии лоиҳа ин баландбардории сатҳи маълумотнокии ҷомеа доир ба масоили рӯзмарра дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар кишварҳои осиёимарказӣ мебошад. Айни ҳол лоиҳа заминаи гуфтушунидиро барои ҳалли масъалаҳои дастрасии таълим барои кӯдакон дар Қирғизистон, мушкилии афзоиши шумораи ҳодисаҳои худкушӣ дар Тоҷикистон, масоили озодии сухан дар Қазоқистонро таъмин менамояд. Самти дигари фаъолияти лоиҳа омӯзиши намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ доир ба масъалаҳои муносибат бо ҷомиа, ҳамкорӣ бо васоити хабарии оммавӣ ва гузаронидани тренингҳо барои рӯзноманигорон дар соҳаи стандартҳои байналхалқии ҳуқуқҳои инсон ва қонунгузории миллӣ дар ин арса, мебошад.

Имрӯз IWPR фаъолияти худро дар Аврупо, Афғонистон, Эрон, Ироқ, Сирия, Филиппин, Уганда, Африкаи Шимолӣ, Зимбабве, Қафқоз ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бомуваффақият амалӣ мегардонад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ IWPR фаъолияти худро аз соли 1999 бомуваффақият амалӣ мегардонад ва дар ин муддат Институт ба роҳ мондани робитаи конструктивиро бо секторҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва медиа сохторҳо муваффақ гаштааст.

IWPR яке аз нахустин шуда бо рӯзноманигорони маҳаллӣ ҳамкорӣ намуда, ба онҳо барои пайдо намудани алоқа бо ҳамкорони хориҷӣ кӯмак намудааст. Минбаъд ин ҳамкорӣ шакли муносибатҳои зичро гирифт. Чунин корбарӣ боиси пайдошавии муносибатҳои нав, мубодилаи афкори доимӣ, дониш ва малакаҳо гашт. Натиҷаи он, ба монеаҳои забонӣ ва гуногунфикрӣ нанигариста, пайдошавии бисёр мақолаҳои ҳамҷоя дар сомонаи www.iwpr.net гаштааст. Ба шарофати ин кор, IWPR дар равшанкунии масъалаҳои ҳуқуқҳои инсон, демократия ва дигар мавзӯъҳои мухолифатангез саҳми арзандаеро гузошт.

Дар ҳар як шумора мо кӯшиш менамоем, шуморо бо фаъолияти лоиҳа, ҳодисаҳои алоҳидаи вайронкунии ҳуқуқҳои инсон дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон шинос намуда, ҳамчунин ба таври объективӣ доир ба асли ҳол дар кишварҳои минтақаи мо нақл намоем.

# ДАР ШУМОРА


03 **НАВИГАРИҲОИ** ЛОИҲА

05 **ИНДЕКСИ** ОЗОДИИ СУХАН, КИ АЗ ҶОНИБИ «ХАБАРНИГОРОНИ БИДУНИ САРҲАД» ТАРТИБ ДОДА ШУДААСТ

06 **МУСОҲИБАИ** АКТУАЛӢ АЗ ҚИРҒИЗИСТОН

06 **ҚАЗОҚИСТОН**

**Мубориза бо бераҳмӣ дар мактабҳои Қазоқистон**
Ҳуқуқшиносон даъват менамоянд, ки муносибат ба кӯдакон дар мактабҳо, боз ҳам воқеъбинона омӯхта шавад.

**Нишондодҳо оиди ғуломфурӯшӣ таҳриф мешаванд**
Зимни гуфтаҳои коршиносон, миқёси ғуломфурӯшӣ нисбати нишондодҳои расмӣ бамиқдор зиёд мебошанд.

12 **ҚИРҒИЗИСТОН**

**Таҷовузи ҷинсӣ дар оила — сирри калонтарин мебошад**
Бепарвоӣ нисбати таҷовузи ҷинсӣ дар оила ва надоштани маълумот оид ба ҳуқуқҳои худ, муҳофизати занони зарардидаро кори мушкил месозад.

**Умедворӣ ба қонунгузории сахтгирона нисбати истифодабарии шиканҷа**
Коршиносон чунин мешуморанд, ки механизми пешгирикунандаи зидди шиканҷа танҳо он вақт таъсирбахш мегардад, вақте мақомоти онро назоратбаранда аз ҳокимият новобаста гарданд.

17 **ТОҶИКИСТОН**

**Мубориза бо никоҳҳои барвақт дар Тоҷикистон**
Ислоҳоте, ки ба қонун даровaрда шудааст, вазъияро атрофи никоҳҳои барвақт дар Тоҷикистон тағйир намедиҳад, мешуморанд коршиносон.

**Аскарони тоҷик ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулӣ барои захмҳои аз минабардоштаашонро даъво менамоянд**
Собиқ хизматчиёни ҳарбии аз минаҳо осеб дида, чунин мешуморанд, ки давлат онҳоро ба ихтиёри худ партофтааст.

22 **ӮЗБЕКИСТОН**

**Истифода набурдани меҳнати кӯдакон дар пахтачинӣ имконпазир аст?**
Фермерони Ӯзбекистон мегӯянд, ки агар ҳукумат ба онҳо озодии бештарро медод, бе истифодабарии меҳнати кӯдакон дар пахтачинӣ ӯҳдадориашонро иҷро мекунанд.

**Ҳукумати Ӯзбекистон нисбати адолатхоҳон сахтгирӣ мекунад**
Фаъолон дар қонун илоҷ мекобанд, то ки гирдиҳамоӣ гузаронанд

26 **ШАРИКОНИ МО**

## Мизи мудаввар «Вайронкунии ҳуқуқҳои инсон дар Қазоқистон»

*8 июли соли 2009 оиди масоили поймолшавии ҳуқуқҳои ҷавонон дар Қазоқистон, дар шаҳри Алмато мизи мудавваре, бо ибтикори Иттиҳодияи ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ (ИҶҶ) ва «Ҷамъияти мутахассисони ҷавон» барпо гардид.*

*Намояндагони ташкилотҳои ҷавонони Қазоқистон, кумитаҳои донишҷӯёни макотиби олии Алмато, коршиносон оид ба масъалаҳои сиёсати ҷавонон ва рӯзноманигорон бо натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоӣ, ки ИҶҶ «ҶМҶ» дар доираи лоиҳаи «Баландбардории потенсиали ҷавонони Қазоқистон, ки дар ҷараёни қабули қарорҳо нисбати сифати маълумоти олӣ иштирок менамояд» гузаронида буд, шинос гаштанд.*

Иштирокчиёни мизи мудаввар қайд намуданд, ки натиҷаҳои тадқиқот шаҳодат медиҳад, ки ҷавонон, алалхусус, донишҷӯён инъикосгари вазъи ҷомеаи Қазоқистон мебошанд. Тибқи натиҷаҳои тадқиқот, новобаста аз сатҳи баланди ришвахӯрӣ ва дигар як қатор норасоиҳои системаи маълумоти олӣ дар Қазоқистон, фоизи баланди пурсишшудагон муносибати некбинона ва мусбиро нисбати сиёсати мавҷудбудаи ҷавонон дар Қазоқистон намоиш дода, амалкуниҳои маъмурияти макотиби олии худро дастгирӣ менамояд.



Дар баробари ин, сиёсатшинос Ерлан Имебргенов, қайд намуд, ки мушкили дастрасии маълумот ва ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон байни якдигар алоқамандии зич дошта, як маҷмӯъро ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои пурсиш мавҷуд будани мушкилоти сифати маълумоти олӣ ва номуташаккилии институтҳои иштироки донишҷӯён/ҷавонон дар ҷараёни қабули қарорҳоро тасдиқ менамоянд.

Дар қисми хотимавии мизи мудаввар сабтҳои видео намоиш дода шуданд, ки аз рафти интихоботи охирон гирифта шуда буданд ва далелҳои фишоровариро ба донишҷӯён нишон медоданд. Поймолшавии ҳуқуқҳои донишҷӯён дар давраи электоралӣ яке аз мушкилиҳои мубрам буда, ҳамчунин муҳокимаи тезутундро дар байни иштирокчиёни мизи мудаввар ба миён овард.

Иштирокчиёни мизи мудаввар иқрор шуданд, ки ин мизи мудаввар, ба муносибатҳои хуб байни ташкилотҳои ҷавонон мусоидат намуда, боиси пайдо шудани гуфтугӯ байни ҷавонон ва ҷалби диққати ВАО нисбати мушкилиҳо ва хостаҳои ҷавонон ва донишҷӯён мегардад.

*Дар ҳама замонаҳо поймолшавии ҳуқуқҳои инсон аз мизи мактабӣ огоз меёфт. Агар ягон чора андешида нашавад, вазъият боз ҳам мушкилтар мегардад. Бинобар ин, ҳадафи гузаронидани чунин чорабинӣ, имрӯз айни муддаост. Саривақтӣ будани онро ҳодисаҳои зиёди поймолшавии ҳуқуқҳои ҷавонон исбот мекунад. Бинобар ин, фоиданокии онро 100% баҳогузорӣ менамоям. Фикр мекунам, ки аксари волидон бо ман розӣ мешаванд.*

*Иштирокчии мизи мудаввар.*



# ТРЕНИНГҲО

## Ҳуқуқҳои инсон
## Меъёрҳои байналхалқӣ
## Қонунгузории миллӣ

*IWPR як қатор тренингҳоро дар Қазоқистон ва Қирғизистон дар доираи Лоиҳа оид ба ҳуқуқҳои инсон дар Осиёи Марказӣ, ки мақсади асосиаш барқароркунии муносибатҳо байни ВАО-и минтақавӣ ва ҷамъиятҳои ҳуқуқҳифзкунандагон мебошад, ташкил намудааст.*

*Чорабиниҳо дар шаҳрҳои Ҷалолобод дар ҷануби Қирғизистон, Бишкек ва Алмато дар Қазоқистон гузаштаанд.*

***Иштирокчии тренинг***

Тренинги дар Бишкек баргузор гашта, дар мавзӯи баланд бардоштани нақши ТҒҲ буд, ки то онҳо тавонанд дар ҳамбастагӣ бо идораҳои ҳукуматӣ қонунҳои қирғизиро ба қонунгузории байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон мувофиқ кунанд.

Дар семинар намояндагони ТҒҲ-ҳо аз тамоми ҷумҳурӣ, инчунин шахсони расмӣ аз Департамент оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон дар назди Агентии давлатӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, кор бо ҷавонон ва ҳифзи кӯдакони назди ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок намуданд.

Тренер Юрий Гусаков, директори шӯъбаи Қарағандагии Бюро оид ба ҳуқуқҳои инсон ва риояи қонунгузорӣ, қайд намуд, ки далели иштироки мансабдорони ҳукуматӣ дар ин семинар хеле муҳим аст. Рӯзноманигорони Қазоқистонӣ, ки барои IWPR мақола менависанд, дар тренинге, ки дар Алмато гузашт, иштирок намуданд. Мақсади ин тренинг баландбардории савияи дониши рӯзноманигорон оид ба ҳуқуқҳои инсон, ки барояшон ҳангоми навиштани маводҳо зарур мебошад. Иштирокчиён бо мафҳумҳои асосии ҳуқуқҳои инсон, таърихи мавзӯъ ва конвенсияҳои асосии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон шиносой пайдо намуданд.

IWPR барои худ вазифа мегузорад, ки чунин чорабиниҳоро гузаронад ва тавассути он, ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ метавонанд, маводҳо, маълумот ва робитаҳое, ки барои мубодилаи таҷриба ба онҳо лозим аст ва дар кори худ истифода бурда метавонанд, ба даст оранд.

Ғайр аз ин, ин ташкилотҳо метавонанд малакаҳои амалиро оид ба гузаронидани мониторинги ҷамъиятӣ ҳамчун қисми кори худ ба манфиати ҷомеа ба даст оваранд.

*Лоиҳаи IWPR ва Комиссияи Аврупо «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумотнокии ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ», ки дар доираи он тренинг гузашт, барои рӯзноманигорони навқалам хеле муфид буд, зеро мо ҳар рӯз, чи ҳангоми фаъолияти корӣ, чӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаамон бо ҳуқуқшиканиҳои инсон бармехӯрем. Маводҳои диданӣ ва лаҳзаҳои бозӣ танҳо фаҳмиши сари вақт будани мавзӯъи тренингро зиёд гардонданд.*

***Иштирокчии тренинг***

*Мавзӯи ҳуқуқҳои инсон бояд ҳамеша актуалӣ бошад, новобаста аз замоне, ки мо дар он умр ба сар мебарем. Ҳуқуқҳои инсон – ин манфиати ҷомеа мебошад, яъне манфиати рӯзноманигорон. Тренинг дар шакли интерактивӣ мегузашт, ки барои беҳтар аз худ намудани маводҳо мусоидат менамуд.*

***Иштирокчии тренинг***

# ДАСТРАСИИ КӮДАКОН БА ОМӮЗИШ

*Дар доираи ҳамкории лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумотноккунии ҳуқуқӣ тавассути васоити ахбори омма дар Осиёи Марказӣ», Фонди ҷамъиятии «Лигаи Муҳофизони ҳуқуқҳои Кӯдак», Департамент оид ба ҳифзи кӯдакони назди Агентии давлатӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ, ҷавонон, варзиш ва ҳифзи кӯдакони назди ҳукумати ҶҚ ва комиссияи муваққатӣ оид ба омӯзиши амалигардонӣ ва риояи қонунгузории ҶҚ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдакон барои омӯзиши Парлумони ҶҚ дар давраи аз моҳи майи 2009 то январи соли 2010, як қатор мизҳои мудаввар дар мавзӯи «Ҳақиқати ҳоли мактабҳо дар муқоисаи стандартҳои байналхалқӣ ва миллии риояи ҳуқуқҳои кӯдак» гузаронида мешавад.*



Ин чорабиниҳо дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд. Вазифаи ин мизҳои мудаввар баландбардории мушкилиҳои ҷорӣ дар соҳаи дастрасии омӯзиш барои кӯдакон, риояи ҳуқуқҳои онҳо дар муассисаҳои умумитаълимӣ мебошад. Айни ҳол, ин ба яке аз масъалаҳои мубрам, ки дар ҷомеа муҳокима мешаванд, мубаддал гаштааст. Қирғизистон кишваре мебошад, ки Пакти байналхалқии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро имзо намуда, ҳуқуқи ҳар як инсонро барои гирифтани маълумот эътироф менамояд. Дар баробари ин, давлат бо намояндагии мақомоти масъулаш барои иҷрои ин ҳуқуқ тавассути маълумоти ибтидоӣ, ки «барои ҳама ҳатмӣ ва ройгон» бояд бошад, мусоидат хоҳад кард» (п.а, қ.2, м. 13 МПЭСКП).

Дар ин мизҳои мудаввар масъалаҳое дида баромада мешаванд, ки ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқи гирифтани маълумоти ройгон ва умумии дастрасро баррасӣ менамоянд: либоси мактабӣ, саволномаҳои дохилшавӣ ба мактаб, пардохти пули хониш, пулҷамъовариҳои ғайриқонунӣ, рэкети мактабӣ, инчунин таҷовузи рӯҳӣ ва ҷисмонӣ дар муассисаҳои умумитаълимӣ.

## Индекси озодии матбуот, ки «Хабарнигорони бидуни марз» баррасӣ намудаанд Кишварҳои Осиёи Марказӣ

### Тоҷикистон



| | | |
|---|---|---|
| 2009 | 113 | ▼ |
| 2008 | 106 | ▲ |
| 2007 | 115 | ▲ |

### Қирғизистон



| | | |
|---|---|---|
| 2009 | 125 | ▼ |
| 2008 | 112 | ▼ |
| 2007 | 110 | ▲ |

### Қазоқистон



| | | |
|---|---|---|
| 2009 | 142 | ▼ |
| 2008 | 125 | = |
| 2007 | 125 | ▲ |

### Ӯзбекистон



| | | |
|---|---|---|
| 2009 | 160 | ▲ |
| 2008 | 162 | ▼ |
| 2007 | 160 | ▲ |

### Туркманистон



| | | |
|---|---|---|
| 2009 | 173 | ▼ |
| 2008 | 171 | ▼ |
| 2007 | 167 | = |

*Аз рӯи натиҷаҳои кори мизҳои мудаввар ташкилкунандагон дар якҷоягӣ бо иштирокчиён тавсияҳои худро оиди тағйирдиҳии вазъ ба дастрасии омӯзиш вобаста ба манфиатҳои кӯдак пешниҳод намуданд, ки ба ҳисоботи комиссия дохил мешавад. Дар гуфтушунидҳо вакилони мардумӣ, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ ва инчунин худи мактаббачагон иштирок менамоянд.*

Тибқи нишондоди UNICEF 60 ҳазор кӯдакони Қирғизистон дар мактаб намехонанд. Баробари ин, ҳуқуқи гирифтани маълумот дар қонун ва Сарқонуни ҶҚ муқаррар карда шудааст. Вакили ЖК ҶҚ Султаналиева Гулҷамол Тиленбоевна чунин мешуморад, вақте расидааст, ки суханрониҳои ҳавоиро бас карда масъаларо ба таври аниқ гузоштан лозим: кӣ ва чӣ гуна ҳуқуқҳои кӯдаконро барои гирифтани маълумот поймол месозад ва бо ин онҳоро аз ояндаи нек маҳрум мекунад ва чӣ гуна имрӯз ҳуқуқҳои онҳоро ҳифз кардан мумкин аст?

***-25 июни соли 2009 аз ҷониби вакилони комиссияи муваққатӣ, баҳри омӯзиши вазъи риояи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои кӯдакон барои гирифтани маълумот таъсис дода шуд. Бо кадом сабаб чунин қарор қабул карда шуд?***

- Вакилон чандин бор муроҷиатҳои хаттӣ ва даҳонӣ аз волидон, аъзоёни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ гирифтаанд, ки дар онҳо аз мавҷуд будани таҷрибаи иллатноки пулҷамъоварии ғайриқонунӣ сухан мерафт. Кӯдаконе, ки волидони онҳо имконияти супоридани чунин маблағҳоро надоранд, ба дарсҳо даромадан рухсат дода намешаванд. Ба ғайр аз ин, чунин маълумотҳое низ пайдо шуданд, ки маъмурияти мактабҳо барои дохил шудани кӯдак ба мактаб монеъаҳои сунъӣ мегузоранд ва барои хониши ғайриқаноатбахш аз мактаб хориҷ менамоянд. Мо наметавонистем чунин бонгҳои хатарро сарфи назар намоем.

25 июн комиссияи муваққатии вакилон оид ба омӯзиши амалигардонӣ ва риояи қонунгузории ҶҚ дар соҳаи ҳуқуқҳои кӯдакон барои гирифтани маълумот, таъсис дода шуд.

***- Дар рафти омӯзиши вазъият чиҳо маълум карда шуданд ва оё шумо метавонед натиҷаҳои кори комиссияро хулоса намоед?***

- Мо кори калони аудиториро гузаронидем, вале хулосаҳои комиссияи вакилон ҳоло тартиб дода нашудаанд. Ман фикр дорам, ки дар муддати наздик мо метавонем натиҷаҳои онро ба ҳама пешкаш намоем. Дар доираи аудити мазкур, комиссия ба вазорати маориф ва илми ҶҚ муроҷиат назар гузаронем, зеро барои ин қувваи ҷисмонӣ намерасад. Вале ба таври ҳатмӣ нақша дорем дар мактабҳои вилоятҳои Чуй, Талас ва Нарын аудит гузаронем. Дар алоҳидагӣ натанҳо бо омӯзгорон, балки бо кӯдакон низ сӯҳбат мегузаронем, то ин ки ба кӯдакон фишорӣ рӯҳӣ расонида нашавад. Аз фурсат истифода бурда, мехостам омӯзгоронро даъват намоям, то онҳо бениҳоят кушоду равшан бошанд, дарсҳо ва нутқҳои намоишгарона ташкил нанамоянд. Мо мехоҳем ҳақиқати ҳолро бинем, танҳо дар ин сурат метавонем вазъиятро ба сӯи беҳбудӣ барем.



намуда, оид ба шумораи талабагон дар соли 2008-2009 маълумот дархост намуданд, қонунияти баъзе талаботҳоро аниқ намуданд; аз ҷумла, оид ба доштани кайди доимии волидон, саволномаи ҳатмӣ ҳангоми ба мактаб дохил шудан, либоси мактабӣ ва ғ.

- Вале ҳарчанд ки интихобкунандагон ва вакилонро асосан масъалаи қонунӣ будани пулҷамъоварӣ ва шаффофияти онҳо бештар ҷалб менамуд, бинобар ин комиссия афзалтар донист, ки ҳолати моливу хоҷагидории мактабҳоро биомӯзад.

Ғайр аз ин, мо вазъиятро дар мактабҳои минтақавӣ меомӯзем. Бо дастгирии молиявии лоиҳаи IWPR/ЕК дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон мо ба минтақаҳо сафар мекунем. Мутаассифона, мо наметавонем ҳамаи мактабҳоро аз

***- Пулҷамъкуниҳои гуногун бешак дастрасии кӯдаконро барои гирифтани маълумот маҳдуд хоҳад кард ва дар навбати аввал ин ба кӯдакон аз оилаҳои камбизоат дахл дорад. Боз чӣ гуна маҳдудиятҳоро шумо ба шумори аввалинҳо дохил карда метавонед?***

- Албатта, ин муҳоҷират мебошад. Фарзандони муҳоҷиронро ба мактабҳо намегиранд, зеро онҳо қайди доимӣ надоранд. Бо ҳамин сабаб низ муаллимон ба онҳо китобҳои дарсӣ намедиҳанд. Гарчи сухан дар бораи масъалаи иҷтимоӣ ва иқтисодии волидон рафт, масъалаи либоси мактабиро низ бе диққат намемонем. Аксари волидон имконияти харидорӣ намудани онро надоранд.

Дигар монеъае, ки ба таври сунъӣ аз ҷониби маъмурият гузош-

та мешавад, ин саволномае, ки ҳангоми дохилкунии кӯдак ба мактаб гузаронида мешавад ва инчунин хориҷкунии ӯ дар натиҷаи хониши ғайриқаноатбахш. Ин бештар ба мактабҳои баобрӯ хос аст, куҷо волидон бо тамоми имконоташон кӯшиш мекунанд фарзандонашонро дохил намоянд. Дар байни волидон чунин ақида ба вуҷуд омадааст, ки гӯё танҳо дар мактабҳо-гимназияҳои хос маълумоти босифат дода мешавад, гарчанде ин на ҳама вақт чунин аст. Ба мо маълум гашт, ки маблағи дохилшавӣ ба яке аз чунин мактабҳо ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Ин далелҳои нигароникунанда мебошанд!

Дар вақташ ба мактабҳо имкон доданд, ки мақоми гимназияро соҳиб шуда, фанҳои иловагии таълимиро бо тамоюли гуманитарӣ ё математикӣ ва дар асоси пулӣ ҷорӣ намоянд. Вале касе пешбинӣ накард, ки ин ба чӣ оварда мерасонад.

***Шумо мехоҳед гуфтан, ки дар талоши гирифтани мақом маъмурияти мактабҳо на ин ки аз паси сифати маълумот, балки аз паси шумораи даромад давутоз менамояд?***

-Бале ва чунин тамоюли иллатнок бояд хотима дода шавад. Мо мефаҳмем, ки чунин падидаҳои номатлуб дар ҷои холӣ ба миён наомадаанд. Касоди сахти иқтисодӣ, ихтисоршавии якуякбораи маблағгузории системаи маориф директорони мактабҳоро маҷбур сохт, ки ба кӯмаки молиявии волидон муроҷиат намоянд. Наметавонам гуфт, ки солҳои шӯравӣ чунин пул ҷамъовариҳо набуданд, онҳо буданд, вале он вақт сухан дар бораи тинҳо мерафт. Ҳоло бошад, пулҷамъовариҳо барои буҷаи оилавӣ хеле гарон меафтанд. Вале хатар ҳатто дар ин нест, хатари бештар дар беназоратии пурраи пулҷамъкуниҳо ҷой дорад. Беназоратӣ ва беҷазогӣ тамоми системаи таълимоти мактабиро хӯрда менамояд. Ва чӣ қадаре ки бераҳмона садо диҳад ҳам, маъмурияти он мактабе, ки ба чунин ҳуқуқвайронкуниҳо роҳ медиҳад, бояд ҷазо дода шавад. Гарчанде дар чунин ҳолатҳо аз чи бошад, ки вазирони маорифро аз кор холӣ менамоянд. Ва ин новобаста аз он, ки вазир директорони мактабҳоро таъин наменамояд, беш аз он ҳуқуқи гузаронидани тайинкунӣ ҳатто надорад.

***-Кӣ чунин масъулият дорад?***

-Ҳокимияти маҳаллӣ. Вале оё мунисипалитет метавонад барои дарк намудани мушкилиҳои мактабӣ вақт ёбад? Оё мунисипалитет мушкилиҳои соҳаи маорифро мефаҳмад? Айни ҳол мактабҳо дар ҳоли номуайянӣ мебошанд, бинобар ин, онҳо номуназзам ташаккул мейёбанд. Вале мо бояд дарк кунем, ки мактабҳо ин ячейкаҳои давлат мебошанд ва диққати ҷиддиро ба худ талаб менамоянд.

***-Тибқи омори расмӣ 2,5 ҳазор кӯдакон дар ҷумҳурии мо ба мактаб намераванд, аз рӯи нишондоди ЮНИСЕФ бошад, 61,7 ҳазор. Чунин фарқият дар нишондодҳо аз чист?***

-Аз баҳисобгирӣ ва назорати суст. Масалан, кӯдак дар яке аз минтақаҳои дурдаст таҳсил менамояд, сипас бо ҳамроҳии волидонаш ба пойтахт мекӯчад, вале дар пойтахт ин кӯдакро ба мактаб қабул намекунанд, зеро қайд надорад, маблағи дохилшавӣ надорад, ғайр аз ин, вазъият метавонад ӯро маҷбур созад, барои расонидани кӯмак ба волидон ба кор дарояд. Вале кӯдак метавонад дар мактаби деҳаи худ ҳамчун хонанда ба ҳисоб рафтан гирад. Ин мисоли муқаррарӣ ва хеле паҳнгашта аст, агар ба назар гирем, ки дар ин муддати соҳибистиқлол будан, аз се як ҳиссаи аҳолӣ муҳоҷират кард ва боз якуним миллион нафар ба хориҷи кишвар сафар кардааст. Аз ин ҷост, чунин фарқият дар рақамҳо. Фарзандони муҳоҷирони дохилӣ ва берунӣ ин категорияи махсуси кӯдакон мебошад. Маҳз онҳо хатари аз системаи маориф «берун монданро» доранд ва нисбати ин кӯдакон муомилаи махсус лозим аст.

***- Аз нигоҳи шумо чӣ бояд кард, то вазъият тағйир ёбад?***

-Сараввал, бояд иқрор шуд, ки мушкилӣ вуҷуд дорад. Ман хеле шод шудам, вақте президенти кишвар Қурмонбек Боқиев дар мавҷудияти чунин мушкилот иқрор шуд. Ӯ изҳор намуд, ки мушкилии пулҷамъовариҳои мактабӣ, рекэти мактаби вуҷуд доранд ва ин маънии онро дорад, ки мо инро инкор накарда, роҳҳои ҳалли ин масоилро мекобем. Инҷо бояд усули қамчин ва кулчақандро истифода бурд: барои қонунвайронкуниҳо директорони мактабро аз мансаб озод карда, албатта, маоши омӯзгоронро баланд бояд кард. Мумкин маънии аз сари нав дида баромадани системаи буҷетикунонии маориф ҷой дорад. Тавре ба ман маълум аст, мактабҳои мо баробар маблағгузорӣ карда мешаванд.

Вале дар баъзе мактабҳо пулҷамъовариҳои бемеъёр вуҷуд доранд, дар дигар мактабҳо не. Агар волидон омода бошанд, ки барои омӯзиши фарзандонашон маблағ супоранд, мумкин аз рӯи маънӣ мешуд, ки ба он мактабҳои ба ном хос мақоми тиҷоратӣ дода, онҳоро вазифадор созем, ки ҷойҳои буҷетиро низ боқӣ нигоҳ доранд ва маблағҳоеро, ки ба ин муассисаҳо ворид мешаванд, ба мактабҳои деҳотӣ равона кунанд?

***-Ва шаффофияти молиявиро ба даст оваранд?***

-Бале, охир дар мактабҳои хусусӣ волидон медонанд, ки чӣ қадар ва барои чӣ онҳо маблағ месупоранд, худи мактабҳо бошанд, ба давлат андоз месупоранд. Вазъият аз ҷиҳати шаффофияти молӣ дар ин гуна мактабҳо, аз баъзе мактабҳои давлатӣ дида беҳтар мебошад.

Мутаассифона, мо системаи маорифи дар солҳои шӯравӣ ҷорибударо вайрон кардем. Системаеро, ки ба ҳама на ин ки дар коғаз, балки дар ҳаёт дастрас буд. Мо дӯст медорем, аз минбарҳои баланд доир ба баркамолшавии истиқлолияти Қирғизистон сухан ронем. Вале дар тӯли ин солҳо дар системаи маориф чӣ гуна корҳо ба анҷом расонида шудаанд? Он тифле, ки солҳои аввали истиқлолият ба дунё омада буд, ҳоло 17-сола шудааст. Чӣ гуна шахсиятро мо дар ин муддат тарбия намудем? Чӣ гуна арзишҳоро ба ӯ омӯзондем? Оё ӯ омода аст, ки ба ҷомеаи муосир ворид шавад ва давлат барои ин чӣ корҳоро иҷро намуд? Ҳоло ман ба ин суолҳо ҷавоб надорам. Вале дар ин бобат бояд андеша кард, таҳлил намуд, хулоса баровард ва барномаҳои навро барои беҳгардонии системаи маориф кор карда баромад. Ин барои ояндаи Қирғизистон лозим аст.

## МУБОРИЗА БО БЕРАҲМӢ ДАР МАКТАБҲО

*Ҳуқуқшиносон даъват мекунанд, ки муносибат бо кӯдакон дар мактабҳо, боз ҳам воқеъбинона омӯхта шавад.*

**Элмира Габидуллина, ш. Олмато**



Зимни гуфтаҳои коршиносон, дар макотиби давлатии Қазоқистон барои ҳифзи кӯдакон аз муносибати бераҳмона, аз ҷумла аз ҷониби омӯзгорон ягон чора дида намешавад. Яке аз даҳ нафар мактаббачагон, ки дар рафти пурсиши ба наздикӣ гузашташуда маълум гашт, ба таъқибот аз ҷониби муаллимон гирифтор мешавад.

Моҳи апрел, ду толибаи синфҳои болоӣ аз шаҳри Шимкент дар ҷануби кишвар кӯшиши худкушӣ намуданро тавассути нӯшидани доруҳо, карданд. Пас аз он, ки онҳоро наҷот доданд, онҳо нақл карданд, ки боиси худкушӣ карданашон ду муаллим гаштаанд.

Тибқи суханони толибагон, муаллимон пас аз муноқиша бо волидони онҳо, ба таъқиб гузаштанд.

«Муаллима дар назди ҳама ман ва модарамро таҳқир мекард, - нақл кард яке аз духтарон ба IWPR. – Ҳамеша ба ман дод мезад, ҳар гуна мазоқу масхара мекард, ҳатто ҳақорат медод, агар дар даҳлез бинад, тела медод. Ва ин ҳар рӯз такрор мешуд».



«Муаллимон маро назди атрофиён хандасор намуда, дар назди тамоми синф таҳқир менамоянд: ту сағера, бепадар, касе пушти туро намегирад, мегуфтанд. Аз чунин шармандагии доимӣ косаи тоқатам лабрез шуд ва ниҳоят ба чунин кор даст задам», - нақл кард духтараки дуюм.

Муаллимони айбдоршуда ба ҳамаи ин танҳо ҷавоб доданд, ки суханони духтарон – «меваи тахаюлоташон» мебошад.

Шӯрои марказҳои бӯҳронии Қазоқистон – иттиҳоди шахсони ҳуқуқӣ буда, ҳадафашон дар мусоидат намудани инкишофи ҳаракат оид ба муҳофизати ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон мебошад. Ин иттиҳод охири соли гузашта тадқиқоте гузаронид, ки мувофиқи он 12% хонанадагони синфҳои болоии пурсидашуда ба таҷовузи ҷисмонӣ дар мактаб гирифтор мешаванд. Дар 9% ҳолатҳо таҷовуз хосияти нақшавӣ дорад.

Тибқи тадқиқотҳои Фонди кӯдаконаи Қазоқистон, наздики 65% ҳодисаҳои вайронкунии ҳуқуқҳои кӯдак дар макотиби миёна ва олӣ рӯй медиҳад. Асосан ин таҷовузи ҷисмонӣ, таҳқири шахсият ва пулҷамъовариҳои ғайриқонунӣ барои эҳтиёҷоти мактаб мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо таъқиб аз ҷониби ҳамсинфон ё хонандагони синфҳои болоӣ, дар дигар ҳолатҳо аз ҷониби муаллимон меравад. Шумораи ҳодисаҳои охирон зиёд шуда истодааст, мегӯянд омӯзгорон. Президенти Ассотсиатсияи ташкилотҳои ҷамъиятии мактабӣ Нина Косова ҳодисаеро ба мисол меоварад, вақте як талабаи синфи се ба мактаб омаданро бас кард.

«Танҳо пас аз муддате ӯ иқрор шуд, ки роҳбари синфаш онҳоро мезад ва ӯ метарсид ба касе инро нақл намояд», - нақл кард ӯ.

«Таҷовуз аз ҷониби муаллимон ҳақиқати талхи давраи кӯдакӣ барои аксарияти қазоқон шудааст, – мегӯяд директори яке аз мактабҳои хусусии Алмато, ки номи худро пинҳон дошт. – Таҷовуз батадриҷ зиёд шудааст, зеро сатҳи муассисаҳои давлатӣ умуман солҳои охир хеле паст шудааст».

Ӯ чунин маънидод кард, ки дар сектори давлатӣ вазъият бо маоши паст ва бешарафияти касб бо «мусоҳилакории бепарвоёна»-и ҷомеа боз шиддат меёбад.

Дар мактабҳои давлатӣ торафт бештар одамони тасодуфиро ба кор мегиранд, мешуморад

ӯ ва илова мекунад, ки «сарзаниш кардани кӯдак аз фаҳмонда додани он ки барои чӣ ӯ бояд чизеро, ки ба ӯ шавқовар нест, гӯш кунад, ва аз ин зиёд, ба ӯ шавқовар кардани он, осонтар аст».

Қазоқистон Конвенсияи ҳуқуққои кӯдакро соли 1994 ба тасвиб расонидааст. Бо ҳамин, ҳукумат вазифадор гаштааст, ки барои ҳифзи кӯдакон аз ҳама гуна дискриминатсия, фишори ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, бепарвоӣ ва муносибати дағалона, сӯйистифодабарӣ аз ҷониби волидон, парасторони қонунӣ ё дигар нигаҳбонони кӯдакони ноболиғ, чора дида барояд.

Қонуни давлатӣ оид ба ҳуқуққои кӯдак чунин меъёрҳоро талаб менамояд, вале ба ақидаи коршиносон, қонунгузорӣ бояд боз ҳам дақиқтар бошад. Зулфия Байсакова, раиси садорати Иттифоқи марказҳои бӯҳронӣ мегӯяд, ки дар базаи қонунгузорӣ, масалан, ҳатто мафҳуми «муносибати бераҳмона» вуҷуд надорад. Роза Оқилбекова, ҳамоҳангсози гурӯҳи кори ТҒҲ Қазоқистон оид ба ҳифзи ҳуқуққои қудакон мегӯяд, ки номаълум мемонад, ки амалҳои омӯзгорро, ки нисбати талаба фишори ҷисмонӣ ё рӯҳӣ мерасонад, чӣ гуна бояд баҳодиҳӣ кард.

Наталя Королева, сармутахассиси Департамент оид ба ҳифзи кӯдакони вилояти Rарағанда, қайд мекунад, ки дар қонунгузории кишвар ягон шарҳдиҳии аниқи дигар мафҳум низ – «тарбияи номувофиқ» вуҷуд надорад.

Баробари ин, ҳукумат барои таъмини риояи ҳуқуққои кӯдак, махсусан барои муҳофизати кӯдакон аз таҷрибаи нохуш, чораҳо андешидааст. Дар доираи барномаи махсус, ки соли 2007 оғоз ёфта то соли 2011 идома меёбад ва барои беҳбудшавии ҳаёти кӯдакон равона карда шудааст, ба ҳайати мактабҳо барои ҳамроҳикунии иҷтимоӣ ва рӯҳӣ-омӯзгорӣ қариб ҳафт ҳазор рӯҳшиносон, якуним ҳазор инспекторони полис ва зиёда аз ҳафт ҳазор ҷонишинони директорони мактаб оид ба корҳои тарбиявӣ, ворид карда шуданд.

Ба сифати инспекторон кормандони полис аз Вазорати корҳои дохилии кишвар ба кор ҷалб шуданд, ки ба системаи мориф ягон алоқае надоранд. Вазифаи онҳо – таъмини амнияти мактабҳо ва озод намудани онҳо аз қонунвайронкуниҳо мебошад.
Майя Беласарова, инспектори калони шӯъбаи кор бо ноболиғони идораи тартиботи ҷамъиятии департаменти корҳои дохилии Алмато, мегӯяд, ки барои амалигардонии ин барнома як худи инспекторон нокифоя аст. «Имкониятҳои



инспекторон маҳдуд мебошанд, зеро онҳо маҷбур ҳастанд якбора якчанд мактабро дар як вақт назорат намоянд», – гуфт ӯ.

Инспектор Айман Бекхожина мегӯяд, ки волидон бисёр вақт аз ба ӯ муроҷиат кардан метарсанд ва масъалаҳои диққатталабро бо сабаби тарс дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пеш намегузоранд. Беласарова розигии худро бо ӯ баён менамо яд. «Волидон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо дар ҳолатҳои ноилоҷӣ муроҷиат менам янд», – мегӯяд ӯ.

Баъзе волидон шикоят мекунанд, ки аз таҷрибаи худ медонанд, ки дахолати инспекторон ва рӯҳшиносон мушкилиро ҳал наменамояд.

Юлия, модари хонандаи 10-сола за Алмато, ба маъмурияти мактаб бо шикоят ба муаллиме, ки ба писари ӯ фишор овардааст, муроҷиат намуда, норозӣ мондааст. Роҳбарияти мактаб ба ӯ ҷавоб додааст, ки роҳбари синф таҷрибаи калон дорад ва ваъда додаст, ки бо ӯ сӯҳбати тавзеҳӣ мегузаронанд. Барои Юлия ин нокифоя аст. «Ман мехоҳам муаллимаеро, ки ба сари кӯдакон даст мебардорад, аз омӯзгорӣ сабукдӯш кунанд, ақаллан аз дарсдиҳӣ дар синфҳои поёнӣ дур кунанд», – мегӯяд ӯ. Тибқи гуфтаҳои ӯ, дигар волидон, бо сабаби бо маъмурияти мактаб муноқиша накардан, афзалтар донистанд, ки ба ин масъала диққат надиҳанд, ё кӯдаконашонро ба дигар мактаб гузаронанд.

Ба ақидаи Роза Оқилбекова, ин – аксуламали муқаррарии роҳбарияти мактаб мебошад. «Дар натиҷаи нофаҳмиҳо ва холигиҳо дар қонунгузорӣ, таҷрибаи беҷазо мондани муаллимон, ки пушташонро маъмурияти мактаб ва давлат дар намояндагии шӯъбаҳои ноҳиявӣ ва дигар шӯъбаҳои маориф мегирад, боқӣ мемонад», – гуфт ӯ. Соли ҷорӣ дар мактабҳои Қазоқистон системаи нав, ки ба пешгирии қонуншиканиҳо равона карда шудааст, ҷорӣ шудааст. Талабаҳо ба қуттии махсус муроҷиатномаи махфиро бо баёни ҳодисаҳои бераҳмӣ ё фишор аз ҷониби муаллимон, дигар талабагон ё аъзоёни оилаҳояшон, партофта метавонанд.



# НИШОНДОДҲО ОИДИ ҒУЛОМФУРӮШӢ ТАҲРИФ МЕШАВАНД

*Зимни гуфтаҳои коршиносон, миқёси гуломфурӯшӣ нисбати нишондодҳои расмӣ бамиқдор зиёд мебошанд.*

**Дониёр Бахталгиев, ш. Олмато**

Гарчанде Вазорати корҳои дохилии Қазоқистон танҳо доири 20 ҳодисаи ғуломфурӯшӣ дар соли гузашта хабар дода буд, баъзе коршиносон мегӯянд, ки ин нишондодҳо сахт кам карда шудаанд.

Маълумоти бештару аниқ дастнорас мебошад. Вале ташкилотҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ хабар медиҳанд, ки соли гузашта, камаш 100 шаҳрванд аз кишварҳои ҳамсояи Ӯзбекистон, Қирғизистон ва дигар кишварҳо дар Қазоқистон ба истисмори меҳнатӣ ё танфурӯшӣ гирифтор шудаанд. Ин нишондодҳо маълумотҳоро доир ба нафарони аз ҷумҳурӣ бароварда шуда ё воридшуда инъикос наменамоянд. Мафҳуми «ғуломфурӯшӣ» дар он маврид истифода бурда мешавад, вақте одамонро пинҳолӣ ба дигар кишвар мегузаронанд ё дар ҳудуди он бо мақсади минбаъд ба меҳнат маҷбур кардан мегузаронад ва бисёр вақт гӯё барои онки, хароҷоти роҳро бароварда таво-нанд.

Маҷбурсозӣ ва шароитҳои кор дар баъзе ҳолатҳо ба асирӣ ва ҳатто ғуломӣ баробар карда мешавад. Ҳамин тариқ, ғуломфурӯшӣ – ин «қочоқи одамон» ё «қочоқи муҳоҷирон» нест, вақте одамкашонӣ бо усулҳои ғайриқонунӣ амалӣ мегардад, вале шахси дар ҳудуди кишвар воқеъбуда, метавонад озодона ҷудо шавад ва мустақилона ҷустӯҷӯи кор намояд.

Раиси садорати Иттифоқи марказҳои бӯҳронии Қазоқистон Зулфия Байсакова дар ҳаққонияти маълумоти расмӣ шубҳа дорад.

«Нишондодҳои ВКД бениҳоят кам ҳастанд. 20 ҳодиса аз 16 миллион одам – ин бениҳоят нишондоди кам аст, – мегӯяд ӯ. – Соҳае, ки дар минтақа аз рӯи даромаднокиш ҷои сеюмро ишғол менамояд (пас аз савдои нашъа ва маблағгузории ташкилотҳои террористӣ), наметавонад бо чунин рақамҳои ночиз маҳдуд карда шавад».

Дар маърӯзаи Департаменти давлатии ИМА оид ба ғуломфурӯшӣ дар соли 2009 гуфта шуда буд, ки дар давраи ҳисоботӣ дар Қазоқистон 50 қурбони ғуломфурӯшӣ ба қайд гирифта шудааст, вале худи ҳамон ҷо қайд шуда буд, ки ин ҳодисаҳо аз ҷониби ҳокимияти Қазоқистон ба қайд гирифта нашуда буданд.
Беккет Аймагамбетов, муовини раиси Кумитаи полиси крминиалии ВКД-и Қазоқистон ба IWPR изҳор дошт, ки аз январ то марти соли ҷорӣ 13 ҳодисаи монанд ба қайд гирифта шуда буд. Ҳафт адади он ғуломфурӯшӣ буда, чор ҳодисаи дигар – бо ноболиғон; 2 далели ҷалб намудан барои танфурӯшӣ, 2 – одамрабоӣ бо мақсади истисмор. Дар ҳисоботи Департаменти давлатӣ қайд шуда буд, ки дар Қазоқистон ғуломфурӯшӣ дар якчанд шакл намудор мешавад. Мардон, занон ва кӯдакон аз Ӯзбакистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон кишварро барои ба Россия ва Аморати муттаҳиди Арабистон раф-

тан, барои кор кардан дар индустрияи танфурӯшӣ ё меҳнати маҷбурӣ дар сохтмонҳо ё сектори кишоварзӣ убур менамоянд. Шумораи аҳамиятноки шаҳрвандони Ӯзбакистон ба Қазоқистон мустақилона барои кор кардан дар соҳаи танфурӯшӣ, ба сифати хизматгор ё дар тамокузор, пахтазор ва истеҳсолоти ширу гӯшт сафар мекунанд. Ғайр аз ин, бо мақсади маҷбурсозӣ барои кор дар соҳаи танфурӯшӣ ё дигар меҳнати маҷбурӣ ғуломфурӯшӣ дар дохили кишвар низ вуҷуд дорад. Занҳои Қазоқистон барои индустрияҳои танфурӯшии Хитой ва Туркия бурда мешаванд.

Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ сабаби он мебошад, ки





Қазоқистон самти мувофиқ барои ғуломфурӯшӣ ба ҳисоб меравад – ин кишвар сарҳадҳои тӯлонӣ бо дигар кишварҳои осиёимарказӣ дар ҷануб ва дар шимол бо Россия дорад.

Қазоқистон бояд Санади пешгирӣ ва қатъ намудани фурӯши одамон, махсусан занон ва кӯдакон ва ҷазодиҳӣ барои инро ба тасвиб расонид, ки Конвенсияи СММ-ро бар зидди ҷинояткории муташаккили байналмиллалӣ мукаммал месозад. Вале ғуломфурӯшӣ бо мақсади истисмор бо якчанд моддаҳои Кодекси ҷиноии кишвар манъ карда шудааст. Соли 2006 ҷазодиҳӣ барои ғуломфурӯшӣ то 15 соли маҳбасшавӣ сахтгиртар карда шуда буд. Тибқи нишондоди Департаменти давлатӣ, соли 2008 44 тафтишоти полисӣ бо 30 даъво анҷом ёфт, ки ин нисбати соли 2007 ду маротиба зиёд аст. 24 айбдоршуда гунаҳкор дониста шуданд. Тибқи баҳодиҳии Ташкилоти байналхалқӣ оид ба муҳоҷират, 70% шахсоне, ки барои ғуломфурӯшӣ муайян карда шуда буданд, тавассути қазоқистон гузаронида мешаванд. Барои боқимонда ин кишвар нуқтаи охирини интиқол мебошад. ҳашт нафар аз даҳ интиқолшаванда – занҳо ё ноболиғон мебошанд.

Дар маърӯзаи Департаменти давлатӣ гуфта мешавад, ки ҳарчанд ҳукумати Қазоқистон «меъёрҳоро нисбати ғуломфурӯшӣ, ки аз рӯи меъёрҳои байналхалқӣ пешбинӣ карда шудаанд, ба қадри кофӣ риоя наменамояд, онҳо кӯшишҳои зиёд барои иҷроиши онҳо ба харҷ медиҳанд».

Чорабиниҳо оид ба мубориза бо ин падида дар худ гузаронидани тафтишот, таъқибкунӣ бо тартиботи судӣ ва гунаҳкор донистани одамфурӯшон, инчунин беҳгардонии барнома оид ба маълумотнокии ҷомеаро дарбар мегиранд.

Байсакова мешуморад, ки ҳукумат бояд назорати сахтро аз паси ғуломфурӯшӣ муқаррар созад. «Барои Қазоқистон, ки ба қатори 50 кишварҳои бештар рақобаттобовар ва ТБТ (Ташкилоти байналхалқии тиҷорат) дохил шуданист, – ин мушкилии калон мебошад», – гуфт ӯ.

Вазорати корҳои дохилии Қазоқистон таъкид менамояд, ки барои мубориза бо ғуломфурӯшӣ аллакай ҳамаи механизмҳои лозима, ба монанди нақшаи миллии амалкунӣ ва шӯрои ҳамоҳангсозӣ дар назди Вазорати адлия вуҷуд доранд.

Дар нисбатан сатҳи пасти полиси миллӣ ва департаментҳои мувофиқ дар Остона ва Алмато, пойтахти кишвар ва шаҳри калонтарини он, мувофиқан шӯъбаҳоро оид ба мубориза бо ғуломфурӯшӣ таъсис доданд, ки дар онҳо телефонҳои боварӣ амал мекунад ва зарардидагон метавонанд ба он занг зананд.

Тавре Байсакова мегӯяд, кормандони полис ва дигар агентиҳои ваколатдор амалҳои якҷояи мувофиқаткардашуда дар сатҳи лозима намебаранд ва ҳайати онҳо омодагии лозима надоранд. «Тамоми кӯшишҳои ҳукумат оид ба муқобилат намудан ба ғуломфурӯшӣ хеле кам мебошад», – мешуморад Байсакова.

Ғайр аз ин, дар ин кор муносибатҳои зарурӣ бо дигар кишварҳо вуҷуд надорад, таъкид менамояд ӯ. «Ман фаъолияти полиси моро дар хориҷа дар назар дорам. Онҳоро дар онҷо сарфи назар менамоянд» – гуфт ӯ.

Корманди Бюрои байналхалқии Қазоқистон оид ба ҳуқуқҳои инсон ва риояи қонунгузорӣ Андрей Гришин бо он нуқта розӣ аст, ки дар кишвар мувофиқати маҷмӯӣ барои ҳалли мушкилии одамфурӯшӣ вуҷуд надорад. Соҳаи ягонае, ки ба гуфти Гришин, дар он беҳбудиҳои назаррас дида мешавад, ин фурӯши занон ба дигар кишварҳо мебошад.

«Бо ин мушкилот ташкилотҳои байналхалқӣ диққат додаанд, бинобар ин, Қазоқистон маҷбур буд ба суханҳои онҳо ягон гуна ҷавоб диҳад», – маънидод кард ӯ.

# ТАҶОВУЗИ ҶИНСӢ ДАР ОИЛА – АСРОРИ КАЛОНТАРИН

*Бепарвоӣ нисбати таҷовузи ҷинсӣ дар оила ва набудани маълумотнокӣ оид ба ҳуқуқҳои худ, муҳофизати занони зарардидаро кори мушкил месозад.*

**Евгения Ким, ш. Бишкек**



Падарандар Айдайро дар синни 16-солагӣ таҷовуз карда буд. Он вақт ӯ ба касе чизе нагуфта буд. Аз тарси таҳдидҳо, ӯ ҳатто ба модар розашро кушода натавонист.

Баъдтар Айлай шавҳар кард, вале падарандар зидди хонадоршавиаш шуда, овозаҳое паҳн кард, ки ӯ духтариашро то шавҳар кардан гум карда буд – чизе ки то ҳол дар ҷомеаи қирғизӣ айб шуморида мешавад – ва гӯё ӯ танфурӯшӣ мекардааст.

Айдай асли ҳолро ба шавҳар нақл кард ва ӯ ба ҳамсараш бовар кард, вале дар зери таъсири хешовандонаш, ки ба ин тӯҳмат бовар карданд, аз ӯ ҷудо шуд. Ғайр аз ин, модари духтар ҳамчунин аз духтари худ рӯй гардонид, ки ӯ «оилаашро шарманда» намуд.

Ба Айдай, ки ҳоло 24 сола аст, дарк намудани он ки чӣ гуна нархи гаронро ӯ барои коре, ки бе айби ӯ рух додаст, пардохт кардааст, душвор аст. «Ман мехостам, ки қонунҳои мо дигар шаванд. Ман намедонам чӣ гуна, - гуфт ӯ ба IWPR. Вале он даҳшате, ки бо ман чанд сол пеш рух дод, акнун тамоми ҳаётамро шикастааст».

Агар ақидаи паҳншударо ба назар гирем, ки оиди таҷовузи хонаводагӣ беҳтараш сухан наронем, ҳайратовар нест, ки таҷовузи ҷисмонӣ дар оила ҳамчун як кори беибо барои занҳо ба ҳисоб меравад, на ҳамчун ҷинояте, ки дар бораи он бояд зуд ба мақомоти дахлдор муроҷиат намоянд, то ин ки тафтишот гузаронида шавад.

Коршиносон бо Айдай розӣ ҳастанд, ки Қирғизистон бояд қонунгузориашро сахттар намояд. Онҳо ҳамчунин ҳисоб мекунанд, ки ҷорӣ намудани барнома барои баландбардории маълумотнокии ҷамъият бо мақсади тарбия намудани муносибати дигар лозим аст, то ин ки зарардидагони таҷовузи ҷинсӣ муҳофизати лозимаро гирифта тавонанд.

Дастрас намудани нишондодҳои аниқи оморӣ оид ба таҷовузи ҷинсии хонаводагӣ душвор аст, гарчанде шумораи заноне, ки ба марказҳои бӯҳронӣ муроҷиат намудаанд, як қадар тасаввуротро оиди ин мушкилӣ муайян месозад.

Тибқи нишондодҳои Ассотсиатсияи марказҳои бӯҳронии Қирғизистон, 7300 нафар занон ба ин марказҳо дар тамоми кишвар муроҷиат намудаанд; ҳашт аз даҳ ҳодиса зери муайянкунандаи таҷовузи хонаводагӣ ба ҳисоб мераванд. Баробари ин, зимни гуфтаҳои намояндаи маркази бӯҳронии «Сезим», ба таҷовуз 23% занҳои муроҷиаткардашуда гирифтор шудаанд.

Намояндаи Вазорати корҳои дохила изҳор намуд, ки шумораи ҳодисаҳои ба қайд гирифташудаи таҷовузи хонаводагӣ меафзояд, ҳарчанд илова намуд, ки «омор ҳеҷ гоҳ тамоми ҳақиқати ҳолро инъикос наменамояд. Аксарият (ҳодисаҳои таҷовуз) ба ҳеҷ кас номаълум боқӣ мемонад».

Намояндаи ВКД афзоиши таҷовузи ҷинсиро бо сатҳи баланд шу-

даистодаи бекорӣ, қашшоқӣ ва бо сабаби омилҳои охирон афзоиши истифодабарии арақ алоқаманд месозад.

Аксари қурбониён ҳатто сарфаҳм намераванд, ки кӯмак гирифта метавонанд ва онҳое, ки ҷасорат намуда оиди ҳодисаи бо онҳо рухдода нақл мекунанд, тарс доранд, ки аз ҷониби милиса ба нофаҳмӣ дучор мешаванд ва ба суханони онҳо метавонанд бе ҷиддият муносибат намоянд. Ғайр аз ин, онҳоро хатари таъқиб аз ҷониби оилаҳояшон метарсонад, ки нигоҳ доштани номи неки оилаҳояшонро бо ҳама роҳ кӯшиш мекунанд.

Тимур, духтури ҷавон, ки танҳо номи худро гуфтан розӣ шудааст, мегӯяд, ки хуб мефаҳмад, чаро занони бисёр хомӯш алам мекашанд.

«Барои таҷовуз, новобаста нисбати кӣ, ҷавобгарии ҷиноӣ пешбинӣ шудааст. Занҳо бошанд, бисёр вақт барои он хомӯшанд, ки аз фошкунӣ метарсанд, – гуфт ӯ. – Мутаассифона, дар ҷамъияти мо чунин ақида пахн шудааст, ки агар зан дар чунин ҳолат афтодааст, яъне «ӯ худ ба ҳамааш гунаҳкор аст»».

Наталя Павлова, рӯҳшинос аз маркази «Сезим» нақл менамояд, ки решаҳои муносибат ба таҷовузи хонаводагӣ дар оила ба муносибати умумии ҷомеа бармехӯрад, ки барои он алоқаи ҷинсӣ – ин табуест, ки бо шармандагӣ ва маъзаммат ҳаммаънӣ мебошад.

«Дар оилаҳои инҷоӣ мавзӯъи ҷинсӣ пӯшида аст. Бо ҳамин сабаб занон ҳатто ба хешовандонашон чизеро нақл наменамоянд», – гуфт ӯ.

Таҷовузи ҷинсӣ ва дигар зулми ҷисмонӣ дар қонунгузории ҷиноии Қирғизистон ҷазо дода мешавад. Вале одатан занҳое, ки ба таҷовуз гирифтор мешаванд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат наменамоянд.

Ба гуфти Павлова, занҳо, махсусан аз деҳот аксар вақт ҳатто намедонанд, ки қонунҳо барои муҳофизати қурбониёни таҷовуз вуҷуд доранд.

«Онҳо намедонанд, ки аз рӯи қонун таҷовузгар метавонад ҷазо гирад», – гуфт ӯ.

Марями 17-соларо амакбачааш, ки аз ӯ се сол калон буд, таҷовуз кард. Ӯ дар ҳолати мастӣ қарор дошт. Он вақт ӯ ба волидон чизе нагуфт, зеро боварӣ надошт, ки онҳо ё милиса ба ӯ кӯмак расонида метавонанд. «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҷовузи хонаводагӣ, ҳамчунин таҷовуз нисбати занонро ҷиноят ҳисоб намекунанд», – мегӯяд Павлова.

Агар қурбониёни таҷовуз ариза диҳанд ҳам, кор бо он тамом ме-



шавад, ки онҳо онро ё мегиранд, ё ба парванда роҳ дода намешавад.

Айжан Ҷуманалиева, ҳуқуқшиноси Маркази дастгирии занон дар Бишкек, шарҳ дод, ки аз рӯзе, ки ариза дода шуда буд, метавонад якчанд рӯз гузарад, пеш аз он ки милисаҳо қарор бароранд, ки бояд парвандаи ҷиноӣ оғоз кунанд. Қурбониёне, ки дигар ҷои баргаштан надоранд, маҷбур мешаванд ба хона баргарданд ва ба таҷовузгар муқобилат оваранд.

Маҳз дар чунин ҳолати номуайянӣ ӯро метавонанд маҷбур созанд, аз ҷумла бо истифодаи зулми ҷисмонӣ, то аризаи худро рафта бигирад.

«Дар чунин маврид хеле муҳим аст, ки қурбоншударо аз ҳисси гунаҳкорӣ, ки вай албатта ҳис мекунад, озод кард. Барои он ки ӯ ба худ ояд, лозим аст, ки ӯро муваққатан ба ҷои бехатар, дуртар аз гунаҳкори таҷовуз ҷойгир кард», – мегӯяд Павлова.

Ба ақидаи Ҷуманалиева, кушодани парвандаи ҷиноӣ ва дастрас кардани маводи исботкунанда душвор буда метавонад.

«Ҳолате мешавад, ки исбот кардани ҷиноят хеле душвор ё қариб ки имконнопазир мегардад, агар аз рӯи додани таҷовуз ё фишори рӯҳӣ муддати зиёд гузашта бошад. Дар 99% (чунин) аризаро қабул намекунанд», - гуфт ӯ.

Рӯҳшинос Виктория Тян, ки дар суд аз номи зарардидагони таҷовузи хонаводагӣ баромад мекунад, мегӯяд, ки дар баъзе ҳолатҳо вақте кор то тафтишот мерасад, зарардида метавонад ба зери фишори судяҳо афтад, ки одатан тарафдори ақидаи умумқабулшуда мебошанд, ки таҷовуз дар оила набояд ба зери омӯзиши қонунгузории ҷиноӣ дарояд. ҳодисаҳое маълум ҳастанд, ки судяҳо даъвогарро даъват менамуданд, ки дар бораи фарзандони худ фикр карда, аризаашонро гиранд.

«(Онҳо) то охир қарори худро кашол дода мегӯянд, ки муросо кардан мумкин аст», - мегӯяд Тян.

Зане, ки худро Елена номид, мегӯяд, ки чандин бор нисбати шавҳараш ба милиса ариза навишта буд. Ва ҳар бор онро гирифта ба назди шавҳараш бармегаштааст.

Гарчанде ӯ аз оғози ҳаёти оилавиаш аз ҷониби шавҳар ба лату кӯб ва таҷовузи ҷинсӣ гирифтор мешуд, Елена мегӯяд: «Намехоҳам, ки ӯро маҳбас кунанд. ӯ кор мекунад ва оиларо таъмин менамояд, ман бошам худ таъмингар шуда наметавонам».



Ба ҳар ҳол, ҳоло Елена роҳҳои аз чунин ҳолат баромаданро ҷустуҷӯ дорад. Ӯ мехоҳад чанд муддат дар маркази бӯҳронӣ бимонад; ӯ шунидааст, ки марказ барои гирифтани маълумоти пазандагӣ, дӯзандагӣ ё сартарош курсҳои омӯзишӣ ташкил менамояд.

«Ман низ мехоҳам дар ин курсҳо хонда, дигар аз шавҳарам вобаста набошам. Он гоҳ ман имкон пайдо мекунам, ки аз ӯ ҷудо шавам», – мегӯяд ӯ.

Марказҳои бӯҳронии занона, ки дахтои он дар пойтахти кишвар Бишкек ҷойгиранд, дар тамоми кишвар зершӯъбаҳо доранд, машварат ва кӯмаки ҳуқуқӣ мерасонанд, баъзеи онҳо бошанд, паноҳгоҳ доранд.

Марям дар қатори онҳое, ки дигар илоҷ наёфта, ба маркази бӯҳронӣ муроҷиат намудааст.

«Ман мехостам, ки занҳои зарардида дар бораи чунин марказҳо маълумоти бештар дошта бошанд. Ман хушбахтам, ки дар бораи чунин марказ ба ман дугонаам нақл кард, вале афсӯс бисёриҳо дар бораи ин чизе намедонанд», – гуфт ӯ.

Александра Елиференко, сардори маркази бӯҳронии «Шанс» мегӯяд, ки ин ташкилотҳо наметавонанд бо ин мушкилиҳо мустақилона мубориза баранд, бинобар ин, муҳим аст, ки ТҒҲ-ҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар якҷоягӣ кор бурда, маърақаҳо гузар нанд ва маълумотнокии аҳолиро баланд бардошта, ҳамзамон сатҳи бепарвоиро ба таҷовузи ҷинсӣ дар оила паст намоянд.



«Қонун ва ҳуқуқҳои занон бояд садо диҳанд ва фаҳмида шаванд. Ва аз ҳама муҳимаш ин ки онҳо дар сатҳи ҷамъиятӣ бояд қабул карда шаванд», – гуфт ӯ.

Баробари талош бурдан дар бобати маълумотнокии бештари занон, Павлова мешуморад, ки бо мардон низ бо мақсади пешгирӣ намудани табдилдиҳии онҳо ба таҷовузгарон корҳои лозимаро бояд пеш гирифт.

«То ҳол тамоми кӯмак барои зарардидагони таҷовузи ҷинсӣ равона карда шуда буд. Вале аз имсол сар карда, баъзе ТҒҲ-ҳо барномаҳои омӯзиширо барои гунаҳкорони таҷовуз амалӣ мегардонанд, –  гуфт ӯ. – Барномае вуҷуд дорад, ки омӯзиши муомилаи ғайритаҷовузиро дар оила пешбинӣ менамояд. Ба ин барнома таҳлили рафтори худи таҷовузгар и коркарди якҷояи дигар тарзи рафтор дохил мешавад».

Ӯ ҳамчунин илова кард, ки дар баъзе кишварҳо таҷовузгарро барои иштирок дар барномаҳои махсус маҷбуран ҷалб сохтан мумкин аст.

Тян қайд мекунад, ки таҷовузи ҷинсии хонаводагӣ метавонад боиси пайдошавии мушкилиҳои давомдори рӯҳӣ гардад.

«Ҳатто агар духтарон таҷоузгарони худро бахшида, як умр хомӯш истанд, зиёни он хоҳ нохоҳ боқӣ мемонад», – мегӯяд рӯҳшинос. – Ин изтироби сахтарин, ки ҳар қадар кӯшиш кунӣ онро фаромӯш созӣ, ҳамон қадар тезутундтар он дар ҳаёти минбаъдаи ту зоҳир мегардад».

Айдай, ки то ҳол оқибатҳои ҳодисаи рухдодашударо аз сар мегузаронад, пушаймон аст, ки ҳашт сол пеш чораҳои лозимаро наандешид.

«Ман пушаймонам, ки он вақт ҷасорат карда, ҳамаашро нақл накардам. Акнун бошад, чизеро исбот карда наметавонам», – илова намуд ӯ.

# УМЕДВОРӢ АЗ ҚОНУНГУЗОРИИ САХТГИРОНА НИСБАТИ ИСТИФОДАИ ШИКАНҶА

*Коршиносон чунин мешуморанд, ки механизми пешгирикунандаи зидди шиканҷа танҳо он вақт таъсирбахш мегардад, ки мақомоти онро назоратбаранда аз ҳукумат новобаста гарданд.*

**Саида Абдразоқова, ш. Бишкек**

Ҳомиёни ҳуқуқҳои Қирғизистон умедвор ҳастанд, ки механизмҳои бештар таъсиррасон кӯмак мерасонанд, ки ба истифодабарии шиканҷа нисбати дастгиршудагон хотима медиҳанд.

Муносибати номувофиқ бо дастгиршудагон падидаи бисёр паҳнгашта боқӣ мемонад, махсусан дар давраи аввали чорабиниҳои тафтишотӣ, вақте кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои гирифтани маълумотҳои иқроршаванда ва кушодани ҷиноят кӯшиш менамоянд.

Танҳо тӯли се соли охир Коалитсияи зидди шиканҷа, ки иттиҳоди ташкилотҳои ғайриҳукуматиро аз Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон дарбар мегирад, 83 ҳодисаеро маълум гардонидааст, ки тибқи маълумоти тасдиқнашуда, шиканҷадиҳиҳо истифода бурда шудаанд. Аз 59 ҳодисае, ки дар як сол ба қайд гирифта шуда, моҳи апрели соли 2008 ба охир расида буд, 53-тоаш дар изоляторҳои нигоҳдории муваққатӣ ҷой доштанд.

Сардори шӯъбаи пешгирии кӯшишҳои шиканҷадиҳии Донишкадаи омбудсмен Икром Мамешов тахмин дорад, ки ин рақамҳо кам нишон дода шудаанд. «Ҳодисаҳои қайднашуда хеле зиёд мебошанд», – мегӯяд ӯ ва илова мекунад, ки мушкилӣ бештар тезутунд дар шӯъбаҳои корҳои дохилии ноҳиявӣ боқӣ мемонад.

«Муддате, ки аз оғози кори амалиётӣ-кофтуковӣ то кушодани парвандаи ҷиноӣ мегузарад, аз ҳама хатарнок ба ҳисоб меравад», – мегӯяд Мамешов. – Маҳз дар ҳамин давра нисбати дастгиршуда шиканҷа истифода бурда мешавад».

Ақидаи паҳншудае вуҷуд дорад, ки чунин қонуншиканиҳо падидаи муқаррарӣ мебошад.

«Дар милисахона бародари маро то он дам бераҳмона лату кӯб карданд, ки ӯ гуноҳро ба сари худ нагирифт, – нақл кард дар мусоҳибаи худ бо IWPR Валерий, ки фамилияшро гуфтан нахост. Ӯ боисрор таъкид менамояд, ки бародари ӯ барои ҷиноятe, ки содир накардааст, ҷазо гирифта истодааст. – Бо истифодабарии шиканҷа ба одам ҷинояти дилхоҳро «кашол» кардан мумкин аст». «Ҳама медонанд, ки ҷинояткорони аслӣ пул дода, халос шуда мегарданд, вале барои бурдани омори хуби кушодашавии ҷинояткорӣ, лозим аст, ки касе ба ивази онҳо дар маҳбас шинад», – мегӯяд Валерий.

Мамешов қайд мекунад: «Исбот кардани он, ки шиканҷадиҳиҳо ҷой доштанд, – хеле душвор аст, зеро кормандони милиса метавонанд гуфт, ки ин ё он осебҳо ҳангоми муқобилият нишон додан бардошта шуданд, ё метавонанд арз намоянд, ки дастгиршударо ҳамҳуҷрагонаш задаанд».

Мамешов таъкид менамояд, ки ғайр аз вайронкуниҳои дағали этикаи касбӣ, истифодабарии шиканҷа бо мақсади маҷбур сохтани дастгиршуда барои додани маълумот, нотавоноии кормандони милисаро барои ҷамъоварии маводҳои исботкунанда тавассути дигар усулҳо, намоиш медиҳад.

«Дар олами муосир намудҳои зиёди муайянкунӣ бо ДНК пайдо шудааст, вале дар ҷумҳурии мо чунин таҷҳизот нест, – мегӯяд Мамешов. – Барои гузаронидани таҳлили ДНК, лозим меояд, ки ба кишвари ҳамсоя Қазоқистон сафар кард. Баробари ин, пардохти арзиши гузаронидани таҳлил бар дӯши хешовандони айбдоршаванда меғалтад, то ин ки бегуноҳии ӯ исбот карда шавад».



Бакит Сеитов, роҳбари идораи матбуотии ВКД – муассисае, ки кормандони милиса тобеъи онанд, – дар мусоҳибаи худ ба IWPR иброз дошт, ки аз замони соҳибистиқлол шудани Қирғизистон ӯ дар бораи ягон ҳодисае, ки милисаҳо барои гирифтани маълумоти иқроршаванда аз усулҳои зӯроварӣ истифода бурда бошанд, нашунидааст.

Аввал айбдоршавандагон зери назорати милиса дар доираи юрисдиксияи ВКД қарор мегиранд. Сипас, дар давоми марҳилаи дигари тафтишотӣ то баргузории суд, ӯро ба СИЗО (изолятори тафтишотӣ) ҷойгир менамоянд. Институти мазкур, ба монанди маҳбасхонаҳо дар зери тобеияти ВКД қарор дорад.

Сардори шӯъбаи тарбия ва муҳофизати ҳуқуқии маҳбасшудагони Саридораи иҷроиши ҷазои Вазорати адлия Табиш Мукаев истифодабарии зӯровариро инкор менамояд.

Ӯ ба IWPR изҳор намуд, ки аз рӯи натиҷаҳои тафтишоти муассисаҳои ислоҳотӣ моҳи феврали соли ҷорӣ «бо тамоми масъулият метавонам гуфт, ки дар муассисаи мо шиканҷадиҳӣ нест».

Мукаев қайд менамояд, ки солҳои охир дар системаи ҷазодиҳии Қирғизистон тағйиротҳои ҷиддӣ рӯй додаанд ва ҳоло Саридораи иҷроиши ҷазодиҳӣ барои ҳамкорӣ намудан бо ҷомеаи шаҳрвандӣ омода аст. Агар пештар тафтишотҳо танҳо як бор дар як сол гузаронида мешуданд, «ҳоло мо вазифадор ҳастем ба ҳар як ариза оиди вайрокунии ҳуқуқҳои маҳбасшудагон зуд ҷавоб гӯем. Баробари ин, оиди истифодабарии шиканҷа натанҳо маҳбасшудагон, ҳимоятгарон, балки хешовандонашон низ муроҷиат намуда метавонанд».

Ба ҳар ҳол, кори милисаҳо ва тамоми системаи ҷазодиҳӣ барои ҷамъият пӯшида мемонад.

Ҳамоҳангсози фонди ҷамъиятии «Садои озодӣ» дар Қирғизистон Эрнс Жапаров қайд мекунад, ки ҳамаи дархостҳои ТҒҲ-ҳо оиди гирифтани иҷозат барои воридшавӣ ба маҳбасхонаҳо, одатан беаҳамият мемонанд, зеро механизми ҳуқуқӣ, ки мувофиқи он ҳукумат ин иҷозатро барои ТҒҲ-ҳо пешкаш карда тавонад, вуҷуд надорад.

Ҳуқуқшиносон умед доранд, ки ин ҳама пас аз ҳамроҳшавии Қирғизистон ба созишномаи байналхалқӣ дар соли гузашта, рӯ ба тағйирёбӣ медиҳад.
Қирғизистон аз соли 1996 инҷониб иштирокчии Конвенсияи СММ бар зидди шиканҷа ва дигар амалҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё шаъну шарафи одамонро таҳқиркунанда, мебошад. Ғайр аз ин, Қирғизистон санади факултативиро ба ҳуҷҷати дар боло зикр шуда моҳи феврали соли 2009 тасдиқ намуда, ба зиммаи худ ӯҳдадориҳои иловагиро гирифтааст.

Санади иловагӣ бояд «системаи боздидҳои доимии ҷойҳои нигаҳдориро аз ҷониби сохторҳои мустақили байналхалқӣ ва миллӣ бояд таъсис диҳад».

Ғайр аз гирифтани иҷозатнома барои ворид шудан ба маҳбасхонаҳои Қирғизистон барои гурӯҳҳои тафтишкунанда аз хориҷа, фаъолони Қирғизистон умед доранд, ки ба намояндагони ТҒҲ-ҳои маҳаллӣ низ ин иҷозат бо мақсади маълумгардонии шикоятҳо оиди ҳуқуқвайронкуниҳо, фошкунии онҳо ва ҳалли мушкилиҳо, иҷозат дода мешавад.

«Таъсисёбии механизми пешгирикунанда ба намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон медиҳад, то онҳо бемонеъа ба муассисаҳои ҷазодиҳӣ ворид шуда тавонанд, – мегӯяд Жапаров. – Ин дар навбати худ, боиси баландбардории сатҳи масъулиятнокӣ ва баландихтисосии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд». Он ки дар кадом шакл механизми мазкур амал менамояд, ҳоло ҳам дар марҳалаи муҳокима қарор дорад; эҳтимол, комиссия миллӣ оид ба шиканҷадиҳӣ ё модели бо номи «омбудсмен плюс» таъсис дода мешавад. Мувофиқи идеяи охирон, омбудсмен дар якҷоягӣ бо гурӯҳҳои минтақавии мониторинг кор мебарад, ки фаъолияти онҳоро маркази мониторинг оид ба шиканҷадиҳӣ ҳамоҳангсозӣ менамояд.

Гарчанде офиси омбудсмен дар Қирғизистон аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, ӯ исбот кард, ки ташкилоти мустақил буда, овози худро дорад. Масалан, моҳи феврал офиси омбудсмен як ҳисоботи танқидиро доир ба парокандасозии гирдиҳамоӣ дар соли гузашта, баррасӣ намуд, ки дар он муфассал дар бораи чӣ гуна кормандони милиса ҳуқуқҳои дастгиршудагонро вайрон карда, бо истифодабарии зӯроварӣ нишондодҳои иқроршаванда гирифтаанд, оварда мешуд.

Роҳбари ТҶ «Шаҳрвандон бар зидди ришвахӯрӣ» Топекан Исмоилова чунин мешуморад, ки механизми мазкур бояд дуруст ташкил дода шавад, бо назардошти нозукии чунин масъала ба монанди зӯроварӣ, дар муҳити сиёсии бисёрқутбаи Қирғизистон. Ӯ чунин мепиндорад, ки механизми додашуда, танҳо дар он ҳолат кор мекунад, агар он пурра бетараф бошад ва дар баробари ин, дар фаъолияти он ҳукумат ва президент Қурмонбек Боқиев ҳавасманд бошад.

Ӯ қайд намуд: «Сохтори пешгирӣ намудани шиканҷадиҳиҳо бояд мустақил аз давлат буда, дар баробари ин душман набояд бошад».

Мамешов бошад, бештар хушбинона менигарад ва чунин мешуморад, ки механизмҳое, ки назоратро аз ҷониби ҷамъият меафзоянд, метавонад мӯъҷиза офарад.

«Агар муфаттишон донанд, ки аз паси кори онҳо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мушоҳида мекунанд, онҳо дигар наметавонанд чунин беҷазо қонуншиканӣ кунанд», – меҳисобад Икром Мамешов.

# МУБОРИЗА БО НИКОҲҲОИ БАРВАҚТ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Ислоҳоте, ки ба қонун даровварда шудааст, вазъияро атрофи никоҳҳои барвақт дар Тоҷикистон тағйир намедиҳад, мешуморанд коршиносон.*

**Аслибегим Манзаршоева, Душанбе**

Тамоюли афзуншаии ба никоҳ даровардан аз синни 16-солагӣ, духтаронро аз гирифтани маълумот маҳрум намуда, ба саломатиашон зарар мерасонад ва дар назди таҷовузи хонаводагӣ бепаноҳ мегардонад, мегӯянд духтурон ва ҳуқуқшиносон.

Ҳуқуқшиносон қарори ҳукуматро оид ба қабул кардани ислоҳот дар Кодекси оила тарафдорӣ намуданд, ки тибқи он синни ба никоҳ даромадан аз 17 то 18 боло пешбинӣ карда мешавад. Ин пешниҳод барои баррасӣ ба президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оила ирсол карда шуд. Агар президент ин ташаббусро дастгирӣ намояд, ҳуҷҷат ба парлумон фиристода мешавад.

Пешниҳоди мазкур натиҷаи корбарии дусола мебошад, ки бо ташаббуси ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва дастгирии СММ анҷом ёфтааст. Ба ақидаи ТҒҲ, чунин ислоҳотро бояд барвақт қабул мекарданд.

Ба ҳар ҳол, ҳуқуқшиносон ақида доранд, ки қонунгузории нав худ ба худ ин мушкилиро ҳал наменамояд. Барои ин механизми қувватдиҳандаи қонунҳо лозим аст, то шумораи никоҳҳои барвақтро кам карда, маълумотнокии занонро доир ба ҳуқуқҳои онҳо баланд бардорад.

Ислоҳоти пешниҳодшуда вазъи Кодекси шаҳрвандиро тағйир намедиҳад, мувофиқи он мақомоти маҳаллӣ «дар ҳолатҳои махсус» метавонанд байни шаҳрвандони ба синни ҷоиз нарасида, қайди никоҳро иҷозат диҳанд. Ба гуфтаи фаъолон, чунин истисно қоидаи маъулӣ шудааст.



Ба ақидаи директори Ассотсиатсияи занҳои маълумотдор Гулҷаҳон Бобосодиқова «маҳз ҳамин «ҳолатҳои махсус» қариб ки барои ба шавҳар додани аксари духтарон истифода бурда мешавад». Мувофиқи тадқиқотҳои охирони сатҳи зиндагии аҳолӣ, ки агентии омории Тоҷикистон ду сол пеш гузарониданд, қариб 9% духтарон дар синни аз 15 то 19 оиладор шудаанд.

Мувофиқи нишондодҳое, ки дар Қасри ақди никоҳи Душанбе дастрас шудаанд, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 9 ҷуфт ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳангоми бақайдгирӣ синни духтарон нав ба 16 солагӣ расида, боз 117 ҷуфти дигар бошанд, синни духтарон ба 17 расида буд.

Директори Хонаи ақди никоҳи пойтахт Барно Насимова мегӯяд, ки ин никоҳҳо мувофиқи қонун ба қайд гирифта шуда буданд. «Ҳамаи 9 ҷуфт аз рӯи қарори суд ақди никоҳ карда шуда буданд. Сабабҳои асосӣ (ҳолатҳои махсус) ин муҳаббати ҷавонон нисбати якдигар ва хоҳиши онҳо қонунӣ гардонидани муносибатҳояшон, ё ин ки арӯсшаванда – сағера мебошад, ё боз ягон сабаби дигарро пеш меоранд», – гуфт Насимова.

Ҳам ҳуқуқшиносон ва ҳам духтурон мегӯянд, ки никоҳҳои барвақт бо худ як қатор мушкилиҳоро ба миён меоранд. Ҳомиладоршавии барвақт, ба саломатии занҳои ҷавон вазнинӣ карда, ба ғайр аз ин онҳо аз инкишофи шахсӣ маҳрум гашта, имконияти гирифтани маълумотро надоранд. Ҳамчунин ин занҳо метавонанд қурбони таҷовузи хонаводагӣ гарданд.

Ба гуфти директори Маркази саломатии репродуктивӣ Гулҷаҳон Туманова, «вақте духтарони 16-17 сола ба шавҳар мебароянд, онҳо рӯҳан ба оиладорӣ, ҳомиладорӣ ва модаршавӣ тайёр нестанд, гар-

чанде аз ҷиҳати ҷисмонӣ ба назар ташаккулёфта ба чашм мерасанд».

70% занҳои Тоҷикистон аз камхунӣ азият мекашанд ва қисми зиёди аз ин беморон ба занҳои ҷавон рост меояд. Ҳомиладоршавии барвақт ҳамчунин сабаби исқоти ҳамл ё норасоии тифл мегардад, мегӯянд табибон.

Ба гуфти Туманова, баъзан вақт занҳои 20-сола аллакай модарони ду ё се фарзанд мебошанд ва баробари ин на маълумот ва на таҷрибат ҳаёт надоранд. Чунин занҳо ба душвориҳое, ки дар тарбияи фарзандон пеш меоянд, омода нестанд.

Раиси Фонди ҷамъиятии «Панорама» Татяна Бозрикова ишора менамояд, ки духтароне, ки барвақт шавҳар мекунанд, соҳиби маълумоти кофӣ шуда наметавонанд.

«Агар доир ба оқибатҳои иҷтимоии чунин никоҳҳо сухан ронем, дар навбати аввал ин ба он оварда мерасонад, ки духтарон таҳсилро дар мактаб тарк менамоянд», – гуфт Бозрикова.

Ба гуфти ӯ, ин падидаро аз рӯи мутаносибияти духтарон ва писарон дар мактаб дидан мумкин аст: «Агар дар синфҳои ибтидоӣ мутаносибият каму беш бошад, дар синфҳои 10-11 духтарон қариб 38% ташкил медиҳанд, дар минтақаҳои алоҳида бошад, аз ин ҳам камтар».

Қиматгул Алибердиева, ҷонишини якуми Кумитаи кор бо занон ва оила, бо Бозрикова розӣ аст, ки сӯйистифода аз моддаи қонун дар бораи «ҳолатҳои махсус» маънии онро дорад, ки духтарон маълумот намегиранд. «Аз ин бармеояд, ки дар синни 17-солагӣ духтар бояд дар сари парта нишаста, дарс хонад, вале ӯро аллакай ба шавҳар медиҳанд. Ҳама мушкилӣ дар ҳамин ҷост», – мегӯяд Алибердиева.

Ба гуфти Бобосодиқова, хатм намудани мактаб – қадами муҳим ва нахустин дар баланд бардоштани мақоми иҷтимоии духтар мебошад. «Барои қадам ниҳодан ба ҳаёти нав, духтарон бояд (маълумот гиранд) ягон таҳқурсии иқтисодӣ дошта бошанд», – мегӯяд ӯ.

Директори Маркази тадқиқотҳои гендерӣ Марям Давлатова мегӯяд, ки надоштани маълумот мушкилии тезутунд мебошад, зеро баъзан синни арӯс 15-сола мебошад. Ба ақидаи ӯ, ин қисмати духтарон махсусан дар назди таҷовузи хонаводагӣ бепаноҳ мебошад. Баъзеи онҳо ҳатто базӯр хондану навиштанро метавонанд. «Дар бораи кадом ҳуқуқҳо ӯ дониста метавонад? Барои чизеро ҳимоя намудан, аввал бояд донист, ки он чист. Ин аст маҳсули таҷовузи хонаводагӣ», – мегӯяд Давлатова.

Фирӯзаи 20-сола аз шаҳри Қӯрғонтеппа, ки 90 км дуртар аз шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст, аллакай ду маротиба шавҳар кардааст; нахустин бор волидайн ӯро дар синни 15-солагӣ маҷбурӣ ба шавҳар доданд. Шавҳарашро низ ӯ аввалин бор дар тӯй дидааст.
Ӯ бо душворӣ ба тартибу одатҳои оилаи нав одат мекард. Фирӯза дар дигар минтақа тарбия ёфта буд ва ба хушдоман «ту» гуфта муроҷиат менамуд, ки ин ҷиҳат хушдоманро асабонӣ мекард. Ӯ инро ҳамчун нишонии беҳурматӣ маънидод мекард.

Шавҳари Фирӯза, гарчанде ӯро дӯст дошта буд, дар зери фишори модар, занашро дар сеюм моҳи ҳомиладориаш сар дод.

Фирӯза бо маслиҳати хоҳаронаш исқоти ҳамл намуд, зеро онҳо таъкид намуданд, ки бе фарзанд ӯ имконияти бештари шавҳари дигар карданро дорад. Пас аз гум кардани фарзанд ва дарди гузаронидааш, Фирӯза бехуд ва асабонӣ шуда, ба беморхона афтод.

Дере нагузашта пас аз баргаштан ба хонаи волидон, Фирӯза бори дуюм ба ҷавони ҳамдеҳааш ба шавҳар баромад. Ин никоҳ низ дер давом накард ва Фирӯза дуюмбора дар синни 19-солагӣ аз шавҳар ҷудо шуд. Шавҳараш ӯро бо сабаби тоқат накардани тамасхуру пичинги ҷӯраҳояш, ки ӯ зани аз шавҳар ҷудошударо ба занӣ гирифтааст, партофт.

Бефарзандӣ ва ҷудошавии дуюмбора аз шавҳар боиси бехудшавӣ ва асабонишавии дуюмбораи Фирӯза гашт ва акнун ӯ ҳамроҳи волидон зери назорати духтурон зиндагӣ дорад.



Никоҳҳои барвақт барои Тоҷикистон анъана буданд, вале дар давраҳои муайян, аз ҷумла солҳои ҷанги шаҳрвандии 1992-1997 ин таҷриба боз ҳам бештар паҳн гашт.

Ҷанг сабабгори зиёдшавии шумораи духтароне, ки волидон онҳоро маҷбуран аз тарси он ки онҳо қурбони таҷовуз дар ин бесарусомонӣ мегарданд, ба шавҳар медоданд. Дар акси ҳол оила шарманда шуда, барои духтар имконияти оиладоршавии минбаъда хеле паст мешуд.

Солҳои ҷанг Ҷумъагул наврас буд. Волидони ӯ ба шаҳри Душанбе аз ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон, ки дар ҷануб воқеъ аст, гуреза шуда омаданд. Онҳо барои духтарашон шавҳар интихоб карда, ӯро дар синни 16-солагиаш ба шавҳар доданд.
Ба шавҳар - Ҷумагул ӯро нахустин бор дар тӯй дид – вай маъқул нашуд. Дар аввал онҳо ҳар рӯз ҷангу хархаша мекарданд, сипас шавҳар ӯро ба задан даромад. Ба хешовандони шавҳараш бошад, аз деҳот будани ӯ писанд наомад. «Хушдоман ва хоҳари шавҳарам ба ман рӯз намедоданд. Ҳамеша маро таънаю маломат мекарданд, мегуфтанд, ки «ту қишлоқӣ, аз дастат ҳеҷ кор намеояд», – нақл кард ӯ.

Аз оилаи худаш дастгирӣ кам буд. «Волидон маро таъкид мекарданд, ки тоқат кун, ҳамааш нағз

мешавад. Чор сол ман дар ин дӯзах зиндагӣ кардам», – мегӯяд Ҷумагул.

Вақте Ҷумагул аз шавҳар ҷудо шуда ба хонаи волидон баргашт, бародаронаш арз намуданд, ки ӯ – барои оилаашон бори зиёдатӣ аст. Оянда духтар номаълум аст. «То даме, ки волидонам зинда ҳастанд, онҳо маро намерасанд, вале вақте волидонам нашаванд, бародарам маро аз хона меронад», – мегӯяд ӯ.

«Баъзан ба сарам фикри худкушӣ кардан меояд ва танҳо писарам маро аз ин амал бозмедорад», – мегӯяд духтар.

Мушкилии издивоҷи барвақт ба нуқтаи ниҳоии худ расидааст ва духтарони синнашон 20-сола аллакай пирдухтар ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи он ки волидон духтаронро барвақт ба шавҳар медиҳанд, торафт шумораи бештари духтарон мактабро хатм намекунанд. Одатан кӯдакон мактабро дар синни 18-солагӣ тамом мекунанд.

Вазъият ҳамчунин аз норасоии мардон бад гаштааст, зеро аксари ҷавонони синни қобили меҳнат ба хориҷи кишвар барои мардикорӣ сафар мекунанд. Қариб 1,5 миллион муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон имрӯз дар Россия ва Қазоқистон кор мекунанд.

«Айни ҳол кор то номаъқулӣ (музахраф-абсурд) расидааст. Духтарони бистсола дар аксари ноҳияҳои кишвар пирдухтар ба ҳисоб рафта, волидон онҳоро ба якум одами ба хостгорӣ омада медиҳанд, то ки онҳо «пирдухтар» намонанд», – мегӯяд Алибердиева.

Сокини деҳаи Садриддиншон, аз ноҳияи Восеъ дар ҷануби Тоҷикистон, ки худро Саъдӣ номидааст, ба IWPR тасдиқ намуд, ки духтар агар дар давоми ду соли пас аз хатми мактаб шавҳар накунад, пирдухтар ба ҳисоб меравад. «Соли ҷорӣ духтарони соли таваллудашон 1990-1991-ро ба шавҳар медиҳанд. Дар деҳот пирдухтарон хеле бисёранд, аз ин зиёд занҳои аллакай аз шавҳар ҷудошуда. Мардҳо каманд, аксари онҳо дар Россия оиладор мешаванд», – гуфт ӯ.

Ҳуқуқшиносон ба он ишора менамоянд, ки омор танҳо никоҳҳои расман ба қайд гирифташударо инъикос менамояд. Ин ҷиҳат ҳолати аслиро таҳриф менамояд, зеро баъзе духтарон аз рӯи маросими динӣ ба шавҳар мебароянд. Қисми зиёди аҳолии ҷумҳурӣ – мусулмонони сунн мазҳабанд ва барои онҳо издивоҷ намудан аз рӯи маросими никоҳ, ки бо иштироки мулло гузаронида мешавад, анъанавӣ мебошад.

Ду сол пеш ҳукуматдорон бо мақсади ҳалли ин мушкилӣ, қонун қабул карданд, ки мувофиқи он ба рӯҳониён гузаронидани никоҳ бе шаҳодатномаи қайди шаҳрвандӣ, манъ карда мешавад.

Гарчанде қабули ин қонун нақши мусбии худро дар камшавии шумораи никоҳҳои ба қайд гирифта нашуда бозидааст, барои таъмини иҷроиши он чораҳои бештаре дидан лозим аст, мегӯянд коршиносон.

Давлатова ба набудани механизмҳои огоҳкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҳодисаҳои вайронкунии ин қонун ишора менамояд. Дар ин бора набояд худи духтарон хабар диҳанд, бояд ҳалли дигари таъсирбахшро пайдо кард, мегӯяд ӯ.

Никоҳҳои барвақт, ба гуфти Насимова, ҳамчунин боиси афзоиши шумораи талоқҳо дар кишвар мегардад, зеро аксари хонадоршудагон барои оиладорӣ омода нестанд. «Танҳо дар Хонаи ақди никоҳи мо дар нимсолаи якуми соли 2009 – 441 ҳодисаи қатъ намудани никоҳ ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳамин давраи соли гузашта, ин рақам 420 ҳодисаҳои ҷудошавиро ташкил медод», – гуфт ӯ.

Фаъолон ва коршиносон чунин ақида доранд, ки мушкилии никоҳҳои барвақтро ҳал кардан мумкин аст, вале муборизаро аз чанд тараф оғоз намудан лозим аст. Қонунгузории самаранок, кампанияҳо оид ба маълумотнок кардани занҳои ҷавон дар бораи ҳуқуқҳояшон, ҳамчунин имкон додан ба онҳо, ки мактабро хатм намоянд – ин аст, ҳамаи он чорабиниҳое, ки барои беҳтаргардонии ҳаёти духтарон кӯмак мерасонад.

Ба ақидаи Бозрикова, «бояд дар маҷмӯъ бо стереотипҳо, занҳо, мардҳо ва волидон кор бурд».

Бобосодиқова чунин мешуморад, ки ҳолатҳои махсус дар қонун оид ба никоҳҳои барвақт аниқ муайян карда шаванд, то сӯиистифодабарӣ аз маънидодкунии нодурусти он пешгирӣ карда шавад.



Директори иҷрокунандаи Лигаи занҳо-ҳуқуқшиносони Тоҷикистон Зебо Шарифова боварӣ дорад, ки бе баланд бардоштани сатҳи омӯзиши ҳуқуқии занон ин мушкилӣ ҳал намешавад. Махсусан ин дар деҳот муҳим аст: «Никоҳҳои барвақт бештар дар минтақаҳои дурдаст дучор мешаванд. Дар ноҳияҳои дурдаст занҳо ва умуман одамони аз ҳуқуқҳои худ огоҳбуда хеле каманд», – мегӯяд ӯ.

«Онҳо намедонанд, ки қонунгузории оилавӣ чист, муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ чист, бинобар ин духтарони ҷавони худро ба ҷавононе, ки аллакай зан доранд, ба шавҳар медиҳанд», – илова намуд Шарифова.

Бозрикова мегӯяд, ки аксаран аз сифати риоя намудани қонун вобаста мебошад. Кам воқеъ мешавад, ки шахсонии гунаҳкор дар никоҳи маҷбурӣ ё барои гирифтани маълумот ба ноболиғон монеъашаванда, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ба ақидаи ӯ, афзоиши синну соли издивоҷ кардан, таҷрибаи никоҳҳои барвақтро хотима намедиҳад. Ба ғайр аз даровардани ислоҳот бояд бо стереотипҳо ва камбизоатӣ дар кишвар мубориза бурд. Вале, бо ташкил намудани асоси самараноки ҳуқуқӣ, ҳукумат метавонад вазъиятро назорат кунад, мешуморад ӯ.

Аслибегим Манзаршоева, рӯзноманигор аз Тоҷикистон, ки тренигҳои IWPR гузаштааст.

Мақолаи мазкур дар доираи лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқшиносӣ тавассути ВАУ дар Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби комиссияи Аврупо маблағгузорӣ мешавад, таҳия гаштааст. IWPR ба мундариҷаи мақолаи мазкур масъул аст ва он дар ягон ҳолат нуқтаи назари кишварҳои Шӯрои Аврупоро инъикос наменамояд.

# АСКАРОНИ ТОҶИК ҲУҚУҚИ ГИРИФТАНИ ҶУБРОНПУЛИРО БАРОИ ЗАХМҲОИ АЗ МИНАБАРДОШТААШОНРО ДАЪВО МЕНАМОЯНД



*Собиқ хизматчиёни ҳарбии аз минаҳо осеб дида, чунин мешуморанд, ки давлат онҳоро ба ихтиёри худ партофтааст.*

**Аслибегим Манзаршоева, Душанбе**

Собиқ хизматчиёни артиши тоҷик, ки дар натиҷаи таркиши минаҳо захмӣ гардидаанд, даъво доранд, ки ҳукумат пардохти ҷубронпулиҳоеро, ки барои гирифтани захмдоршавӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ пешбинӣ карда шудааст, боздоштааст.

Ҷаъфар Нозимов соли 1995 дар қӯшунҳои ҳукуматӣ ҳангоми мубориза бо гурӯҳҳои партизании мухолифин дар минтақаи Тавилдара, дар шарқи кишвар, адои хизмат менамуд. Маҳз дар рафти хизмат, ҳангоми баровардани ҷасади ду писарбачае, ки дар натиҷаи таркиши мина як рӯз қабл фавтида буданд, Ҷаъфар минаро зер карда, аз як пояш маҳрум шуд.

Пас аз он ки ӯро барои адои хизмати минбаъда корношоям донистанд, Нозимов гуфт: «Ман бо чандин ариза ба қисми ҳарбие, ки хизмат мекардам, сипас ба кумитаи ҳарбӣ, баъд ба Вазорати мудофиа ва Додситонии ҳарбӣ мурoҷиат намудам. Дар ҳама ҷо ба ман мегуфтанд, ки бо сабаби дар рӯйхати онҳо ба шумор нарафтанам, суғурта ва кӯмакпулии яквақтаинаи маро пардохт карда наметавонанд».

Ғайр аз Нозимов, дар Тоҷикистон боз қариб 90 нафар собиқ хизматчиёни ҳарбии аз минаҳо захмдор шуда ва қариб 40 оилае, ки наздикони онҳо ҳангоми иҷрои вазифа аз таркиши мина ба ҳалокат расидаанд, зиндагӣ мекунанд. Аксари онҳо арз менамоянд, ки ҷубронпулиҳои муайяншударо нагирифтаанд.

Мувофиқи нишондодҳои Маркази Тоҷикистонии безараргардонии минаҳо, муассисаи ҳукуматие, ки соли 2003 аз ҷониби СММ бо мақсади амалигардонии барнома оид ба безараргардонӣ аз минаҳо таъсис ёфта ва маблағгузорӣ карда мешавад, аз соли 1992 инҷониб зиёда аз 350 нафар ҳалок шуда, 450 нафари дигар дар натиҷаи таркиши минаҳо ё лавозимоти ҷангие, ки безарар гардонидашуда набуданд, захмдор гаштаанд. Аксари онҳо – шаҳрвандоне, ки ҳангоми чаронидани чорво, корҳои кишоварзӣ ё ҷамъоварии ҳезум дар минтақаҳои қайднашудаи минадор, ба мина бархӯрдаанд. Қариб сеяки зарардидагон кӯдакон мебошанд.

Тибқи ҳисоботи Маркази безараргардонии минаҳо, аз ҳамаи онҳое, ки дар натиҷаи таркиши мина ба ҳалокат расидаанд ё осеб дидаанд, танҳо даҳяки онҳо ҳамон замон дар нерӯҳои мусаллаҳ хизмат менамуданд.

Минаҳои зиддипиёдагард дар Тоҷикистон дар тӯли се давраҳои гуногуни таърихӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар гузошта шудаанд: солҳои 80-ум аз ҷониби қӯшунҳои шӯравӣ дар хати сарҳади Афғонистон, солҳои 1992-1997 дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ дар водии шарқии Рашт ва охирон, минаҳое, ки низомиёни узбак барои муҳофизати сарҳад бо Тоҷикистон, пас аз ҳамлаҳои силоҳбадастони исломӣ солҳои 1999-2000 гузоштаанд.

Муҳаммад Ёраҳмонови 26-сола, яке аз қурбониёни охироне мебошад, ки дар натиҷаи таркиши мина, моҳи июни соли ҷорӣ дар ноҳияи Дарвоз, дар ҷануби Тоҷикистон як чашмашро гум кардааст.

Талабшо Қосимов бошад, ба монанди Нозимов аз солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки беш аз 10 сол пеш тамом шудааст, дар талоши гирифтани ҷубронпулии худ қарор дорад. Ҳангоми хизмат дар аскарӣ, ӯ дар рафти иҷрои амалиёти безараргардонӣ аз мина соли 1996 бе по мондааст. Пас аз 9 моҳи хобидан дар беморхонаи артишӣ ва ҷавоб шудан, Қосимов на суғуртапулӣ, на кӯмакпулии яквақтаинаро, ки барои қурбониёне, ки аз минаҳо зарар дидаанд муайян шудаанд, гирифта натавонист.

Он замон қумондони қисми ҳарбии ӯ гуфт, ки пул ҳатто барои маоши афсарони дар хизматбуда намерасад. Вақте Қосимов аз аскарӣ рафт, гуфтанд, ки ӯ дигар ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулиро надорад, зеро акнун шаҳрванди қаторӣ аст.



Ӯро ба маъмурияти маҳаллии ноҳияи Кӯлоб равон намуданд ва дар он ҷо ӯ нафақаи маъюбиро ба андозаи 18 доллар дар як моҳ – камтар аз ҳадди ақале, ки расман ҳамчун барои зиндагӣ зарур муайян шудааст, мегирад.

Қосимов дар беморхонаи маҳаллӣ кор карда, болои нафақаи кӯчакаш иловапулӣ мегирад, вале аҳволаш вазнин аст. «Маош ва нафақаи ночиз барои маъюбӣ, барои падари се фарзанд албатта намерасад», – мегӯяд ӯ.

Қосимов ва Нозимов андеша доранд, ки Вазорати мудофиа аз онҳо рӯй гардонидааст. Вале онҳо дар гирифтани кӯмакпулиҳои гузашта ва ҷорӣ исрор доранд.

Нозимов таъкид менамояд, ки аксар аскарони собиқ «бо вуҷуди маъюбони гурӯҳҳои гуногун буданашон, аз давлат ягон ҷубронпулӣ ё кӯмак нагирифтаанд».

«Аксари онҳо хоҳиши кор карданро доранд, зеро аз ҳисоби нафақапулии барои маъюбӣ мегирифтаашон, таъмин кардани оила имконнопазир аст, вале онҳо қобили меҳнат нестанд», – илова намуд ӯ.

Нозимов мегӯяд, дар натиҷаи ихтисоршавии пардохтҳо ба миқдори 30 фоиз, ки 4 сол пеш рӯй дода буд, кӯмакпулии яквақтаина барои низомиёни зарардида ҳангоми ба истеъфо рафтан, айни ҳол қариб 540 долларро ташкил медиҳад.

Дар мактуби худ ба IWPR намояндагони Вазорати мудофиа арз намудаанд, ки «Оид ба масъалаҳои пардохти суғуртапулиҳо ва кӯмакпулиҳои яквақтаина, ки дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ карда шудаанд, ягон ҳодисаи радшавӣ ҷой надорад». Дар ариза ҳамчунин гуфта мешавад, ки мисли соли 2005 Вазорати мудофиа тавассути ширкати суғуртавии давлатӣ маблағгузории кӯмакпулиҳоро бар дӯш дорад, баробари ин, қисми ҳарбии муайян барои пардохти кӯмакпулиҳои яквақтаина, ки барои собиқ низомиёни зарардидаи ҳамин қисм пешбинӣ шудаанд, ҷавобгар аст.



Генерал-майор Абдуқаҳҳор Сатторов, ки зерқисмҳои муҳан-дисиро дар штаби ҳарбӣ сарварӣ менамояд, илова дорад, ки тамоми ҳайати шахсии амалкунанда суғурта карда шудааст.

Тавре ҳамоҳангсози амалиётҳои штаб Парвиз Мавлонқулов мегӯяд, ҳамаи зарардидагон аз амалиётҳои безараргардонии минаҳо, ки Марказ мегузаронад, ҳуқуқи гирифтани суғуртапулӣ ва табобати ройгон доранд. Андозаи кӯмакпулиҳо аз дараҷаи захми гирифташуда вобаста буда, дар ҳолати фавтидан хешовандони марҳум ба миқдори 20,000-25,000 ҳазор доллар кӯмакпулӣ гирифта метавонанд.

Ин кӯмакпулиҳо аз ҷониби Маркази безараргардонии минаҳо ва донорони онҳо пардохта мешаванд. «Бешубҳа, Вазорати мудофиа низ кӯмак мерасонад, вале тавре худатон вазъияти Тоҷикистонро мефаҳмед, ин маблағ нисбати он маблағе, ки онҳо аз ширкатҳои суғуртавӣ мегиранд, нисбатан кам аст», – мегӯяд Мавлонқулов.

Низомиёни собиқ, ки пештар захмдор шуда буданд, танҳо аз Вазорати мудофиа ва дигар муассисаҳои ҳукуматӣ ҷубронпулӣ мегиранд.

Тибқи гуфтаҳои Нозимов, кормандони Вазорати мудофиа, аз низомиён канораҷӯӣ намуда, дархостҳои онҳоро ба маъмурияти маҳаллӣ ирсол менамоянд, ки онҳо дар навбати худ барои расонидани кӯмак ба осебдидагон даст ба даст намезанад. «Мо дигар намедонем ба кӣ боз мурочиат намоем», – мегӯяд ӯ.

Нозимов бо ҳамроҳии дигар низомиён кӯшиш дорад иттиҳоди собиқ низомиёнро бо мақсади гирифтани ҷубронпулии сазовор таъсис намояд. Ин гурӯҳ барои низомиёни зарардида машварати ҳуқуқӣ мерасонад, инчунин барои таъмини худ ва оилаҳояшон дар ёфтани ҷои кор кӯмак мерасонад.

Ин ташкилот қадамҳои нахустини худро мегузорад ва худ бо мушкилиҳои молиявӣ дучор мегардад. Боре фаъолони он маҷбур шуданд аз Вазорати мудофиа барои ёфтани ҳуҷраи корӣ хоҳиш намоянд. Вале Вазорати мудофиа ба хоҳиши онҳо ҷавоби рад дод, бо сабаби он ки айни ҳол миқдори ташкилотҳое, ки ба зарардидагон кӯмак мерасонанд, кифоя ҳастанд.

Намояндаи вазорат ба IWPR онҳоро номбар намуд: Ассотсиатсияи миллии маъюбон, Ҷамъияти кару гунгон, инчунин фабрикаи истеҳсоли протезҳо.

Ба ин нигоҳ накарда, Мавлонқулов ташаббуси мазкурро дастгирӣ менамояд, зеро ассотсиатсияи нав метавонад манфиатҳои аъзоёни худро ҳимоя карда, аз ҷониби донорон маблағгузорӣ карда шавад.

# Истифода набурдани меҳнати кӯдакон дар пахтачинӣ имконпазир аст?

*Фермерони Ӯзбекистон мегӯянд, ки агар ҳукумат ба онҳо озодии бештарро медод, бе истифодабарии меҳнати кӯдакон дар пахтачинӣ ӯҳдадориашонро иҷро мекунанд.*

**Кормандони IWPR дар Осиёи Марказӣ**

Аз мобайни моҳи сентябр васоити мустақили ахбори омма ва ҳуқуқшиносон хабар доданд, ки бо оғози мавсими пахтачинӣ дар саҳроҳо кӯдакон пайдо шудаанд.





Дар мактабҳо меъёрҳо барои ҷамъоварии пахта муқаррар карда мешаванд, – нақл кард сокини нуқтаи аҳолинишин дар водии Фарғона. – Вақте яке аз директорони мактабҳо аз ба пахтачинӣ баровардани кӯдакон саркашӣ кард, ба ӯ таҳдид намуданд, ки аз кор холӣ менамоянд».

Сарчашмаҳо дар Ӯзбекистон тасдиқ намуданд, ки 22 сентябр сарвазири Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев маҷлиси селекторӣ бо ҳокимон, роҳбарони хадамоти бехатарии ҳамаи минтақаҳо гузаронид ва супориш дод, ки ҷамъоварии пахтаро ба таври ҳашар ташкил намоянд. Ин одати анъанавӣ, маънии меҳнати ихтиёрии гурӯҳӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои умумӣ дар Ӯзбекистон кайҳо боз ба меҳнати маҷбурии кӯдакон табдил ёфтааст.

То соли 2008 дар кишвар таҷрибаи истифодабарии меҳнати кӯдакон васеъ паҳн шуда буд. Барои меҳнат дар саҳроҳо ба таври маҷбурӣ кӯдакони ноболиғ дар сини 8-9 солагӣ ҷалб мешуданд, ки барои ин ҷомеаи байналхалқӣ чандин бор ҳукуматро даъват менамуд, ки меҳнати кӯдаконро истифода набаранд.

Моҳи сентябри соли гузашта ҳукумати Ӯзбекистон оиди манъи истифодаи меҳнати кӯдакон дар пахтазорҳо изҳор намуда, Конвенсияҳои СММ-ро доир ба «Бартарафкунии шаклҳои бадтарини истисмори кӯдакон» ва «Оид ба синни минималии ба кор қабул кардан»-ро ба тасвиб расонид.

Чунин чораҷӯиҳо пас аз таҳрими ворисозони калонтарин ва фурӯшандагони либосвории пахтагин аз ИМА ва Британиёи Кабир ба миён омаданд, ки Тошкентро барои истифодабарии кӯдакон дар мавсими пахтачинӣ танқид намуда, ҳамчун нишон эътироз тавсия намуданд, ки либосвориҳои аз пахтаи Ӯзбекистониро харидорӣ нанамоянд.

Моҳи майи соли 2009 маълумотҳое расидан, ки хонандагони мактаб дар пахтазорҳо кор карда истодаанд.

Баъзе фермерон мегӯянд, ки даст кашидан аз истифодабарии меҳнати кӯдакон имконпазир аст. Барои ин ҳокимият бояд реформаҳои аслӣ дар сектори хоҷагии қишлоқ гузаронида, ба фермерон мустақилият фароҳам оварда, фармоиши давлатиро ба зироати стратегӣ аз байн бардорад.

Соли ҷорӣ ҳукумат қарор баровард, ки на кам аз сею ним миллион тонна пахта ҷамъ оварда шавад.

«Айни ҳол дар кишвар сатҳи баланди бекорист, бозорҳои мардикорон аз бекорон пур шудааст, - андеша меронад пахтачин аз вилояти Тошканд – ҳукумат мета-

вонад ин одамонро ҷамъ оварда ба саҳро барорад. ҳамин тариқ, аз меҳнати кӯдакон даст кашидан мумкин аст».

Албатта, амалигардонии ин ғоя маблағҳои иловагиро барои ҷалбсозии шумораи зиёди одамон ва бо суръатҳои тез ҷамъ овардани пахта, талаб менамояд, вале онро ҳам ҳал кардан мумкин аст, бовар мекунонад деҳқон.

Ҳар як фермери ӯзбек суратҳисоби шахсӣ дар бонк дорад, ки ба он ҷо маблағҳо аз ширкатҳои харидори давлатӣ дар давраи фурӯши пахта ворид мешаванд.

Соли 2008 арзиши харидории як килограмм пахтаи Ӯзбекистонӣ 400 сум (26 сент)-ро ташкил дода буд. Соли ҷорӣ ҳукумат эълон намуд, ки ба деҳқонон 502 сумӣ (33 сент) медиҳад. Як қисми маблағҳоро аз суратҳисоби худ фермерон барои пардохти ҳаққи меҳнатӣ пахтачинон истифода мебаранд, вале ба таври нақд гирифтани пулҳо душвор аст, зеро барои гирифтани сумҳои ӯзбекӣ маҳдудиятҳо вуҷуд доранд.

«Агар ба фермерон озодӣ диҳанд, то онҳо тавонанд пулҳояшонро мустақилона идора намоянд, мо метавонем пахтаро бе кӯмаки кӯдакон ҷамъоварӣ намоем, – ба сӯҳбат ҳамроҳ мешавад фермер аз вилояти марказии Ҷизах. – Чӣ қадар одамони мо айни ҳол ба Қазоқистон барои пахтачинӣ мераванд, зеро дар онҷо бисёртар маош медиҳанд».

Дар кишварҳои ҳамсояи Қирғизистон ва Қазоқистон, ки ҳамчунин пахта мепарваранд, ба коргарони кироя ба ҳисоби миёна 11-15 сент барои як кило пахта медиҳанд. Соли 2008 барои як кило пахта ҷамъкардашуда ба кӯдакон 2,5 ва ба калонсолон 3,5 сенти ҳаққи кор медоданд.

Бо бас кардани истисмори меҳнати кӯдакон сектори кишоварзӣ метавонист боз аз ҳисоби механикунонии замонавӣ ӯҳдабароӣ намояд.
«Дар ибтидои солҳои 90-ум (асри гузашта), мо техникаи хуб барои ҷамъоварии пахта доштем, – ба хотир меорад фермер аз вилояти Хоразм дар шимолу ғарби кишвар. Масалан, соли 1991 кӯдаконро ба пахтачинӣ намебаровroutанд, онро тавассути мошинҳо мечиданд».

# Ҳукумати Ӯзбекистон нисбати адолатхоҳон сахгирӣ мекунад

*Фаъолон дар қонун илоҷ мекобанд, то ки гирдиҳамоӣ гузаронанд.*

**Баҳодир Намозов, ш. Тошканд**

Ташкилотҳои ҳифзиҳуқуқии Ӯзбекистон дар назди интихоб истодаанд: ё тазоҳуроти ҷамъиятӣ гузаронида, бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муноқишаҳои ногузир дучор шудан, ё дар хона оромона рафтор карда, ба чашми касе наафтода нишастан, тавре инро ҳокимият аз онҳо мехоҳад. Ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқи Ӯзбекистон, ки ҳеҷ гоҳ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ эътироф нашуда буданд ва аъзоёнашон ҳамеша дар зери таъқиб қарор доранд, дар сояи давлати боиқтидори полисӣ вуҷуд доранд.

Аъзоёни ташкилот, ки аз ҷониби IWPR пурсиш шудаанд, дар бораи як қатор чораҳое нақл карданд, ки бар зиддӣ онҳо истифода мебаранд, – аз бурдани назорат то латкунӣ ва маҳкум кардан.

Яке аз фаъолони пешдаст аз вилояти Ҷизах мегӯяд, ки ӯ ва ҳамсабақони ӯ дар зери назорати доимӣ зиндагӣ доранд, ки он ҳангоми танқид намудани ҳукумат боз ҳам зиёд мегардад.

Вақтҳои охир ҳодисаҳои таъқиби адолатхоҳон аз ҷониби мақомоти қудратӣ бисёр шудаанд», – мегӯяд ӯ. Яке аз ҳамкорони ӯро ба наздикӣ ба Хадамоти беха-

тарии миллӣ (ХБМ) барои гузаронидани ба номи «сӯҳбати пешгирикунанда» даъват намуданд. Дар ҳақиқат чунин сӯҳбатҳо дар худ омехтаи таҳдидкуниҳо ва ваъдаҳои имтиёзҳои зиёд ба ивази қатъ кардани фаъолияти ҳимояи ҳуқуқӣ намоиш медиҳанд.

Фаъол ҳамчунин нақл кард, ки дар назди хонаи як ҳамкори дигараш бошад, доим автомобилҳо навбат мебаранд ва кормандони милиса бо либосҳои шаҳрвандӣ ба мизоҷони ӯ мегӯянд, ки бо ҳамаи шикоятҳояшон ба мақомоти давлатӣ, на ба фаъолони шаҳрвандӣ муроҷиат намоянд.

Ғайр аз ин, гуфт ӯ, хадамоти бехатарӣ усулҳои боз ҳам душвортар – агентҳоро истифода мебарад, ва онҳо дар навбати худ ба муҳити адолатхоҳон ворид шуда, дар байни онҳо муноқишаҳоро бармеангезанд.

«Мо дар шароити душвор зиндагӣ дорем, – мегӯяд ӯ. Мақомоти давлатӣ барои ҷанг андохтани адолатхоҳон байни ҳамдигар тавассути паҳн кардани тӯҳматҳои гуногун, ҳама чораҳоро мебинанд».

Ҳодисае шуда буд, нақл кард ӯ, вақте аъзои ташкилоти ҳифзи ҳуқуқиро барои пурсуков даъват намуданд ва сипас, ҳукуматдорон овоза паҳн карданд, ки ӯ «фурӯхта» шудааст. «Байни адолатхоҳон нисбати ҳамдигар нобоварӣ ба миён меояд», - гуфт ӯ. Ба фазои мавҷудбудаи тарсу ваҳм нигоҳ накарда, адолатхоҳон баъзан вақт намоишҳои эътирозӣ гузаронида, кӯшиш менамоянд, ки сатҳи маълумотнокии ҷамъиятро баланд бардоранд.
Бинобар ин, онҳо ба низоъи рӯирост бо қонунҳои таъқиботии Ӯзбекистон оид ба гирдиҳамоиҳои ҷамъиятӣ бархӯрда меистанд. Барои гузаронидани эътирозҳо дар кӯчаҳо иҷозат лозим мебошад; ба ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва дигар хоҳишмандон дар ин бобат бисёр вақт иҷозат намедиҳанд. Ҳангоми кӯшишҳои гузаронидани гирдиҳамоии иҷозатнашуда, зуд кормандони полис дахолат менамоянд.

Бо кӯшиши гузаронидани ин моддаи қонун, фаъолон аксияҳои хурд бо номи «пикет»-ҳо мегузаронанд. Ғояи гузаронидани онҳо дар ин аст, ки аз рӯи қонун онҳо манъ карда нашудаанд.

Ба ҳар ҳол, иштирокчиёни пикетҳо гирифтори таъқиб мегарданд: иштирокчиёни пикете, ки дар назди бинои Додситонии генералӣ дар Тошканд моҳи декабри соли гузашта шуда буд, иҳота карда, ба милисахона бурданд, гарчанде, гирдиҳамоӣ бе ягон гуна бесарусомонӣ мегузашт.

Агар ҳукуматдорон маълумоте доир ба ягон аксияи тайёршудаистода гиранд, онҳо барои пешгирии гузаронидани он чораҳо мебинанд. Адолатхоҳон нақша доштанд, ки 13 майи соли ҷорӣ дар назди ёдгории Маҷмааи мардонагӣ дар Тошканд, ки барои хотираи қурбониёни фоҷиаи Андиҷон, ки соли 2005 рӯй дода буд, ҷамъ шуда, дар до-

манаи он гулгузорӣ намоянд. Вале нақшаи онҳо ҷомаи амал напӯшид – баъзе фаъолонро ҳукуматдорон дастгир намуда, ба дигарон аз хонаҳояшонро баромаданро манъ карданд.

Директори «Кумитаи маҳбусони виҷдон» дар Тошканд, нақл кард, ки вақте аз хона баромаданаш ба наздаш ду марде наздик омада гуфтанд: «Агар аз хонаатон дур шавед, мо шуморо дастгир намуда ба милисахона мебарем. Мо медонем, ки шумо яке аз ташкилкунандагон мебошед».

Ба ду адолатхоҳ  гузоштани гул дар зери пояи ҳайкал имконпазир гашт, вале онҳоро низ кормандони милиса дастгир намуданд.

Ин санаро ҳукуматдорон бо хомӯшӣ ҷашн намуданд. 13 майи соли 2005 қӯшунҳои ҳукуматии Ӯзбекистон ҷониби гирдиҳамоии дар Андиҷон гузаштаистода, шаҳре, ки дар шарқи води Фарғона ҷойгир аст, оташ кушоданд. Дар натиҷа садҳо нафар аҳолии осоишта зарар диданд, ба ба ҳалокат расиданд. Як қатор дастгиркуниҳо, ки пас аз ин ҳодиса рӯй дод, ҳамаи гумонбаршудагон ва иштирокчиёни гирдиҳамоии Андиҷониро дар канор намонд.

Ду адолатхоҳ аз қисматҳои гуногуни кишвар дар зарурияти гузаронидани эътирозҳо шубҳа доранд, зеро чунин мешуморанд, ки ин нокифоя аст ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо метавонад натиҷаҳои чаппа оварад.

«Вақте барои ҳалли масъала аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дахолат намоӣ, мақомоти давлатӣ ва ҳокимони ноҳияҳо ҷои гурезро намеёбанд, – таъкид менамояд яке. – Вале ягон чиз рӯй диҳаду зуд ба кӯча баромада «Қаравул!» дод задан – чунин муносибат чизеро ҳал наменамояд. Баръакс, ҳатто онҳое, ки ба мо кӯмак расонида метавонанд, аз мо мегурезанд».

Ба гармшавии назаррас дар муносибатҳо нигоҳ накарда, муносибати боадовати кишвар ба давлатҳои ғарбӣ, ки барои гузаронидани тафтишоти мустақили ҳодисаҳои Андиҷонро талаб менамуданд, то ҳол дар муносибатҳои мансабдорон ва ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ инъикос меёбад.

«Адолатхоҳон агентони ИМА ва дигар мустамликадорони ғарбӣ мебошанд, иброз дошт корманди шӯъбаи мубориза бо терроризм ва экстремизми радикалии исломии ВКД-и кишвар. – Онҳо барои ҳар як аксияи гузаронидаашон грантҳои калон мегиранд. Тибқи гуфтаҳои ӯ, кормандони милиса чунин фармон доранд, ки бо фаъолон дағалона рафтор кунанд, ҳатто агар онҳо муқобилат нишон надиҳанд.

«Моро меомӯзонанд, ки онҳо душманони халқи мо буда, агентони таъсири ғарб мебошанд», – илова намуд ӯ.

Сиёсатшинос Комрон Алиев мегӯяд, ки тахмини он, ки ташкилотҳо дастгирии аҳамиятноки молиявӣ мегиранд – миф аст. Чунин арзёбиҳо, ки гӯё «адолатхоҳон маблағҳои калон ба даст мегиранд, – сафсаттаи холӣ мебошад», мегӯяд ӯ. «Хоҳиши зиёд агар бошад, дар қатори адолатхоҳон натанҳо агентони амрикоӣ, балки агентони таъсиррасони Туркия, Покистон, Япония ва ҳатто Муғулистонро дидан мумкин аст», – илова намуд ӯ.

«Ин хаёлбофиҳои хадамотҳои махсус мебошад. Мақсади ин кор барои сохтани сурати душман ва шӯрандозӣ намудани халқ бар зидди адолатхоҳон ва умуман демократон мебошад. Ман ягон адолатхоҳеро намедонам, ки бодабдаба зиндагӣ кунад. Дар муқоиса бо аксари муқобилони онҳо дар намуди мансабдорони ҳокимиятҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», – гуфт Алиев.

(Номҳои пурсишшудагон бо сабаби бехатарӣ оварда нашудаанд).

## ШАРИКОНИ МО

# ҚАЗОҚИСТОН

**Бюрои байналхалқии Қазоқистон оид ба ҳуқуқҳои инсон ва риояи қонунгузорӣ**
Офиси асосӣ
ш. Алмато, мкр. 8, х. 4-а, оф. 423
+7 727 225 42 72
roza@bureau.kz
www.bureau.kz

**Рӯзномаи «Ҳақиқати комсомол дар Қазоқистон»**
ш. Алмато, к. Отеген-батыра, 21А
+7 727 2774842
komskz@mail.ru
www.kp.kz

**ФҶ «MEDIALIFE»**
ш. Қарағанда, к. Алихонов, 8а
+7 7212 425195
ovolkova@topmail.kz
www.medialife.kz

---

**Маркази байналхалқии рӯзноманигорӣ MediaNet, ш.**
Алмато, к. Казибек би, 50, оф. 100
+ 7 727 272 829
• abramov@medianet.kz
• www.medianet.kz

**Маҷаллаи «Третья грань»**
ш. Павлодар, к. 1 Май, 40, оф. 1
+7 7182 329085
yainebo@gmail.com
www.decenta.org/publish

**Рӯзномаи «Диалог Талдыкорган»**
+7 7282 211631
ba4evskaja_yana@mail.ru

---

**ТҶ «ТВ-батыс-инфо»**
ш. Атырау, к.Махамбет, 118Б
+ 7 7122 326813
batys-info@mail.ru, v.s.lee@mail.ru

**Маркази тадқиқотии сиёсати ҳуқуқӣ**
ш. Алмато, к. Манас, 34А/8А, оф. 403
+7 727 244 8373, 244 8374
info@iprc.kz
www.iprc.kz

**Ордени муҳофизати рӯзноманигории озод «FORPOST»**
ш. Тараз, к. Абай.ю 98, 3 ошёна, оф. 304
+7 7262 437842
orden_forpost@mail.ru

---

**Фонди «Десента» (Павлодар)**
ш. Павлодар, к. Исиналиев 1, оф. 210
+ 7 7182 329085
yainebo@gmail.com
www.decenta.org

**Маркази дастгирии рӯзноманигории минтақавии Павлодар**
ш. Павлодар, к. Горкий, 102/4, оф. 318
+7 7182 622580
shomshekov@gmail.com
www.presscenter.kz

**Фонди дастгирии ВАО-и ноҳиявии «Адил Арка»**
ш. Петропавловск, к. Конститутсияи Қазоқистон, 2, оф. 5
zaure-zhumalieva@rambler.ru

---

**«Садои озодии Осиёи Марказӣ» – Портали минтақавии ҳифзи ҳуқуқӣ**
Voice of Freedom Central Asia
+ 7 727 2724829
vyacheslav.abramov@gmail.com
www.vof.org

**Маркази ноҳиявии рӯзноманигорӣ «Тілші»**
ш. Актобе, к. Чекалин, 34-54
+7 7013027907
aktleuov@list.ru

**Медиа маркази ҳуқуқии шимоли** Қазоқистон
ш. Остона, к. Бебитшилик, 25, оф. 308
+7 7172 910588
kstmedia@mail.kz

# ТОҶИКИСТОН

**ТҶ «Мадина»**
ш. Хоруғ, к. Ленин, 137, ҳ. 8
+992 3522 24360, 24987
ngomadina@mail.ru

**Ташкилоти ҷамъиятии «Наҷоти Кӯдакон»**
ш. Кӯлоб, к. Борбад, 13
2 52 35; 2 63 09, 918 67 80 02
farzona52@mail.ru

**Рӯзномаи ҷамъиятӣ-сиёсии «Фараж»**
ш. Душанбе, х. Саъдӣ Шерозӣ, 16
+992 372 385877
faraj-73@mail.ru

---

**Ассотсиатсияи миллии Васоити Мустақили Ахбори Омма**
ш. Душанбе, к. Ҳусейнзода, 34-415
+992 372 2213711, 2233058
nansmit@tojikiston.com
www.nansmit.tj

**ТҒҲ «Дилафрӯз»**
ш. Қурғон-теппа,, к. Борбад-3а/29
+992 3222 32374 22776
rayhona@kt.rs.tj

**Рӯзномаи ҷамъиятӣ-сиёсии «Tajik-times»**
ш. Душанбе, к. Мушфиқӣ, 60/1
+992 37 2381384, 2340665
tajiktimes@yahoo.com

---

**Ташкилоти байналхалқии Меҳнат Лоиҳаи барҳамдиҳии меҳнати**
кӯдакон дар Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Айнӣ, 39
+992 47 4410641, +992 47 4410646
khosabekova@ilo.org

**Рӯзномаи ҷамъиятӣ-сиёсии «Азия Плюс»**
ш. Душанбе, х. Саъдӣ Шерозӣ, 16, 1 ошёна
+992 44 6007108; 6007110
gency@asiaplus.tj

**Бюро оид ба ҳуқуқҳои инсон ва риояи қонунгузорӣ**
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 137, оф.6
+992 372 228511-
ш. Хуҷанд, к. Ленин, 6, ҳ. 1
+992 3422 43206
bhr/taj@gmail.com

---

**Марказ оид ба ҳуқуқҳои инсон**
ш. Душанбе, к. Чехов, , ҳ. 1
+992 372 4442943
khalilov2002@mail.ru

**Маркази ОБСЕ дар Душанбе Шӯъбаи ҳуқуқҳои инсонӣ**
ш. Душанбе, к. Аҳмади Дониш, 18А
+992 37 2265014, 2265015

**ТҶ Агентии ахборотии «Паём»**
ш. Қурғон-теппа, к. Борбад, 1/15
+992 3222 25325
sotiev@tajik.net
www.payom.tj

---

**Фонди занон UNIFEM**
ш. Душанбе, к. Ҳусейнзода, 35
+992 372 2211831, 2210645
Unifem@tajnet.com

**ТҒҲ «Молодежь и цивилизация»**
ш. Хуҷанд, к. Ленин, 42, ҳ. 406
+992 3422 61770, 61790
siyc@yandex.ru
www.humanrights.tj

# ШАРИКОНИ МО

## ҚИРҒИЗИСТОН

**Институти Омбудсмен дар Ҷумҳурии Қирғизистон**
ш. Бишкек, к. Тыныстанов, 120
+996 312 663141
ombudsman@inbox.ru

**Лигаи ҳимоягарони ҳуқуқҳои кӯдак**
ш. Бишкек, Эркиндик, 35, 18
+996 312 662587
cdrl2008@gmail.com

**ТҶ «Садои озодӣ»**
ш. Бишкек, к. Советская, 204, 4 ошёна
+996 312 906240
bagishbekoc@gmail.com

---

**Фонди ҷамъиятии Клиникаи ҳуқуқии «Адилет»**
ш. Бишкек, к. Уметалиев, 39
+996 312 653513
legal@elcat.kg

**ТҶ Рӯзноманигорон**
ш. Бишкек, к. Ш. Руставели, 48, 10
+996 312 563463
tokoevm@mail.ru

**ТҶ «Коалитсия барои демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ»**
ш. Бишкек, к. Токтогула, 214
+996 312 310353
coalitionkg@gmail.com

---

**Гурӯҳи ҷавонони ҳимоягарони ҳуқуқӣ**
ш. Бишкек, к. Московская, 41 Б, ҳ. 8
+996 312 479840
spinstyle@yandex.ru

**Маркази ҳифзи ҳуққҳои инсон «Кылым Шамы»**
ш. Бишкек, к. Толстой, 114, каб. 408
+996 312 659431; 245976
abdirasulova@mail.ru

---

**Ташкилоти ҳуқуқии «Справедливость»**
ш. Ҷалолобод, к. Ж. Боқиев, 27
+996 3722 56038
gvalentina01@gmail.com

**Фонди «Сорос-Қирғизистон»**
ш. Бишкек, к. Логвиненко, 55-а
+996 312 663475, 622655
office@soros.kg

---

**Институти Медиа намоянда**
ш. Бишкек, х. Мир, 44/1
+996 312 595467, 595128
akmat@media.kg

**Институти сиёсати ҷамъиятӣ**
ш. Бишкек, к. Исанов, 42/1
+996 312 682836
office@ipp.kg

---

**Комиссияи дидабароии даъвоҳо нисбати ВАО**
+996 775 981091
nvsk2006@mail.ru

**ТҶ «Ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди ришвахӯрӣ»**
ш. Бишкек, к. Московская, 158/11
+996 312 318645, 628091
info@anticorruption.kg

**Institute for war & peace reporting**
48 Gray's Inn Road
London,WC1X 8LT,UK
Tel: (44 20) 7831 1030
Fax: (44 20) 7831 1050
Web: www.iwpr.net
E-mail: info@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қирғизистон**
Ҷумҳурии Қирғизистон
ш. Бишкек, 720017
к. Тоголок Молдо, 18-2
Тел.: + 996 312 66 44 53, 61 38 70
Факс: + 996 312 61 38 70
E-mail: iwpr.kyrgyz@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қазоқистон**
Ҷумҳурии Қазоқистон
ш. Алмато, 050000
к. Казыбекби, 50
2 ошёна, офис 84
Тел.: +7 727 272 59 03, 272 64 21, 272 68 90
E-mail: iwpr.kazahstan@iwpr.net



**Намояндагии IWPR Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734003
х. Рӯдакӣ, 137, «Тоҷикматлубот», 6 ошёна
Тел.: + 992 372 24 70 26
Тел./Факс: + 992 372 24 70 51
E-mail: iwpr.tajikistan@iwpr.net

IWPR ба мундариҷаи мақолаи мазкур масъул аст ва он дар ягон ҳолат нуқтаи назари кишварҳои Шӯрои Аврупоро инъикос наменамояд.